**30-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК БОД, МУҲОФИЗОНИ ВАТАН!**

№2 (174)
27 феврали соли 2023

*МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО*

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года
Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

## ДАР ИН ШУМОРА:



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

саҳ. 4



РАИСИ КУМИТА ОЗМУНИ МАҚОЛАҲОИ БЕҲТАРИНИ СОҲАРО ЭЪЛОН НАМУД

саҳ. 6



ҶАЛАСАИ ВАСЕЪИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНСТИТУТИ ГЕОЛОГИЯ, СОХТМОНИ БА ЗАМИНҶУНБӢ ТОБОВАР ВА СЕЙСМОЛОГИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИНИ ЗИЛЗИЛАТОБОВАРИИ БИНОВУ ИНШООТ

саҳ. 7

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




***Муҳтарам генералҳо, афсарон ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ! Ҳозирини гиромӣ!***

Имрӯз аз таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, сӣ сол сипарӣ мегардад.

Ба ин муносибат тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро, ки тайи се даҳсола ҳимояи истиқлолу озодии кишвар, ҳифзи марзу буми Ватан, суботу оромӣ ва амнияти давлату ҷомеаро ҳамчун сипари боэътимод таъмин карда, дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми басо арзишманд гузошта истодаанд, самимона табрик менамоям.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф – ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мо метавонем бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии худ ҷавонмардонаву сарбаландона баромаданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Бинобар ин, ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат барои хизмати содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи ташкили Артиши миллиро аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлол дар маркази диққати худ қарор дода буд.

Зарурати ташкили Артиши миллӣ ҳанӯз 9-уми сентябри соли 1991 дар Қарори Шӯрои Олии кишвар «Дар бораи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардида буд.

Вале вазъи ниҳоят ҳассосу душвор, мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имкон надоданд, ки Тоҷикистон Артиши миллии худро таъсис диҳад.

Масъалаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ба миён гузошта шуд ва 18-уми декабри соли 1992 фармони Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи таъсис додани Артиши миллӣ ба имзо расид.

**>>> Идомааш дар саҳ. 2 >>>**



# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ






<<< Идома аз саҳ. 1 <<<

Вақти қабули қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассису кадрҳои касбӣ.

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини иқтисодиву молиявӣ аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ доир ба ташкили инфрасохтор ва таъсиси қисму воҳидҳои низомӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ гардонид.

Дар навбати аввал, 23-юми июни соли 1993 Қӯшунҳои хушкигард, ки асоси Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд ва неруи сершумортарину пешбарандаи амалиёти ҷангӣ ба ҳисоб мераванд, таъсис дода шуданд ва аз рӯзҳои аввал барои мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъи ҳарбиву сиёсии мамлакат сафарбар гардиданд.

Дар ин раванд, яъне замоне, ки дар кишвар ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, мо ташкили қисму воҳидҳои ҳарбӣ, муҳайё намудани заминаҳои моддиву техникӣ, омода кардани афсарону сарбозони далеру шуҷоъ, дорои маҳорати баланди касбӣ ва донишу малакаи заруриро вусъат бахшидем.

Дар он давра, саъю талоши Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, ба фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва омода намудани мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос равона карда шуд.

Бо ин мақсад як қатор қонунҳои нав, аз ҷумла «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул гардиданд ва ҳадафу вазифаҳои сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти ташкили мудофиа ва ҳимояи кишвар муайян карда шуданд.

Дар марҳалаҳои минбаъда мо дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ҷузъу томҳои таъиноти махсус, муассисаҳои таҳсилоти низомӣ ва қисмҳои ҳарбӣ оид ба таъминоти ҷузъу томҳоро таъсис додем.

Яъне Қувваҳои Мусаллаҳи мо аз



рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар муборизаҳои шадид ва набардҳои сангини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ иштирок карда, ташаккул ва обутоб ёфтанд.

Афсарону сарбозони далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ қарзи ватандорӣ ва рисолати ватандӯстонаи худро иҷро карда, дар ҷодаи барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саҳми басо арзишманд ва таърихӣ гузоштанд.

Дар робита ба ин, мехоҳам махсус зикр намоям, ки ба шарофати далериву шуҷоат ва фидокориву ҷоннисориҳои хизматчиёни ҳарбӣ – фарзандони бонангу номуси Ватан дар кишвар ҳокимияти қонунӣ барқарор гардида, заминаҳои устувори сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ фароҳам оварда шуданд.

Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар давраҳои минбаъда низ борҳо аз имтиҳони садоқат, маҳорат ва ҷасорату мардонагӣ сарбаландона гузаштанд.

Дар даврони муқовиматҳои мусаллаҳона ва мубориза бар зидди хоинону душманони миллати тоҷик ҳазорон нафар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи зиндагии ором у осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Маҳз ба ҳамин хотир, ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҷавонони кишвар, инчунин, ба хизматчиёни ҳарбӣ доим таъкид менамоям, ки зираку ҳушёр бошед ва ҳаргиз фаромӯш насозед, ки фазои орому осудаи имрӯзаи мамлакат бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси халқи тоҷик ба даст омадааст.

Ҳозирини арҷманд!

Тарбияву ҷобаҷогузории кадрҳои соҳибихтисоси дорои маҳорати баланди касбӣ шарти асосии тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар мебошад.

Дар робита ба ин масъала, мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар хотирнишон созам, ки ҳангоми таъсис додани Артиши миллӣ мо шумораи зарурии афсарону мутахассисони касбӣ надоштем.

Бинобар ин, яке аз аввалин воҳидҳои ҳарбие, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ таъсис додем, муассисаи таълимии Коллеҷи ҳарбӣ буд, ки имрӯз ҳамчун Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа фаъолият карда истодааст.

Дар зарфи сӣ сол муассисаҳои олии ҳарбии мамлакат ва давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро 5300 нафар, аз ҷумла академияҳои ҳарбии хориҷи кишварро 650 нафар ҷавонони мо хатм карда, ҳоло аз байни онҳо садҳо нафар хизматчиёни ҳарбии дорои рутбаи олии ҳарбӣ дар вазифаҳои роҳбариву фармондеҳии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият доранд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар боз 1500 нафар ҷавонони мо таҳсил карда истодаанд.

Дар маҷмӯъ, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат беш аз 28 ҳазор мутахассис тайёр карда шуд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз зиёда аз 80 фоизи афсарони Қувваҳои Мусаллаҳи мо афсарони касбӣ, яъне хатмкардагони донишкадаҳо ва академияҳои ҳарбӣ мебошанд.

Тайи солҳои истиқлоли давлатӣ ҳазорҳо нафар афсарону прапоршикҳо ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои шуҷоату ҷасорат ва хизмати содиқона бо мукофотҳои давлатӣ ва садҳо нафар бо рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони нав, хусусан, дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа танҳо бо доштани Қувваҳои Мусаллаҳи муташаккилу тавоно ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи пешрафтаи ҳар-

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№2 (174)
27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023


# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



бӣ ва муҳимтар аз ҳама, хизматчиёни ҳарбии ватандӯсту ватанпараст, далеру ҷасур ва содиқ ба давлат ва халқи Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Вазъи бисёр мураккабу ноороми ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ тақозо менамоянд, ки барои пурзӯр намудани иқтидори мудофиавии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Вазъи зикршуда, инчунин, аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ маҳорату малакаи муосири касбӣ, ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарон ва ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳро зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ, ҳисси миллӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҳайати шахсӣ эътибори боз ҳам бештар диҳанд.

Зеро дар замони пурҳаводиси имрӯза танҳо кадрҳое метавонанд амнияти давлат ва суботи ҷомеаро таъмин намоянд, ки дорои донишҳои муосири ҳарбӣ ва сатҳи баланди касбият буда, технологияҳои навтаринро аз худ кардаанд ва Ватани худро сидқан дӯст медоранд.

Аз ин рӯ, бори дигар таъкид менамоям, ки дар сатҳи талаботи замона ба роҳ мондани омодагии касбӣ ва тарбияи ҳайати шахсӣ вазифаи асосии ҳайати фармондеҳӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҳар як роҳбару афсар масъулияти баланд ва донишу малакаи заруриро тақозо менамояд.

Такроран хотирнишон менамоям, ки роҳбарону афсарон бояд ба сарбозон мисли фарзанди худ муносибат намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

Шахсан ман ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳар як сарбозро мисли фарзандони худ дӯст медорам ва ҳамеша кӯшиш мекунам, ки ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ва дар навбати аввал, барои сарбозон шароити беҳтарини хизмат ва зиндагӣ муҳайё карда шавад.

Вобаста ба ин, мехоҳам масъалаи тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ва даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳро махсус хотиррасон намоям.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, солҳои охир дар баъзе вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт, шаҳрҳои Душанбе ва Исфара маъракаи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин (ҳатто дар муддати ду-се рӯз) ҷамъбаст карда мешавад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки хизмат ба Ватан, яъне хизмати ҳарбӣ мактаби ҷавонмардӣ ва давраи ҳаматарафа обутоб ёфтани ҷавонон мебошад.

Хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандии ҳар як ҷавон ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, ҳар як ҷавонмард бояд қарзи худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон иҷро намояд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки асоси омодабошии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро риояи ҳатмӣ ва бечунучарои қонун ва ойинномаҳои ҳарбӣ, тартибу интизом ва тарбияи дурусти ҳарбиву ватандӯстӣ дар байни ҳайати шахсӣ ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳаввулоту ҳодисаҳои солҳои охири ҷаҳон моро хушдор медиҳанд, ки ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ва таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат минбаъд низ



тадбирҳои зарурӣ андешем.

Ин амри заруриро ҳимояи истиқлолу озодӣ ва дахлнопазирии ҳудуди кишвар, таъмини амнияти давлат ва халқи тоҷик талаб менамояд.

Бо дарназардошти ин зарурат, дар Паёми навбатии Роҳбари давлат махсус таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии сиёсати мудофиавии мамлакатро муайян карда, дар баробари дигар чорабиниҳо, инчунин, тақвияти иқтидору имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳоро ҷиҳати мутобиқ намудан ба хусусияти таҳдиду хатарҳо ва вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир дар бар мегирад.

Ҳозирини гиромӣ!

Чунонки зикр гардид, Артиши миллии сӣ сол қабл амалан дар ҷойи холӣ таъсисдодаи мо имрӯз ба як сохтори муназзам ва нерӯманду боэътимод табдил ёфтааст.

Тайи се даҳсолаи гузашта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 10 қисми ҳарбӣ бо тамоми инфрасохтори зарурӣ, 24 комиссариати ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ва зиёда аз 100 иншооти хизматрасонии нав сохта, ба истифода супорида шуд.

Дар ин давра, умуман, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат ва зиндагӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат беш аз 2600 иншооту биноҳои нав бунёд карда, ба истифода супорида шуданд.

Ҳукумати мамлакат дастгирии молиявию иҷтимоии хизматчиёни ҳарбиро дар оянда низ идома дода, ҷиҳати беҳтар гардонидани шароити хизмат ва зиндагии ҳайати шахсӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ, пурзӯр намудани иқтидори мудофиавӣ, азнавсозии иқтидори техникӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми чораҳои зарурнро амалӣ мегардонад.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат минбаъд низ рисолати муқаддас ва қарзи ҷавонмардии худ – ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро бо интизоми намунавӣ, донишу малакаи муосир, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, иродаи мустаҳкам, садоқат ба Ватан, давлат, халқи мамлакат ва касби бошарафи хеш сарбаландона иҷро менамояд.

Ман ба далериву шуҷоат, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозони бонангу номуси Ватан бовар дорам ва бо онҳо ифтихор мекунам.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ба савганди ҳарбии хеш минбаъд низ содиқ мемонанд, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавонмардона иҷро мекунанд ва ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, амният ва суботу оромии ҷомеаро бо ҳушёриву зиракӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмин мекунанд.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсии Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори сиюмин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани маҳбубамон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

***Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!***

***Бояд тазаккур дод, ки маҳз бо шарофати кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллии Тоҷикистон дар ҳоли рушду нумуъ қарор дошта, марҳила ба марҳила устувору нерӯмандтар мегардад. Мувофиқи баҳогузории коршиносони низомӣ имрӯз Артиши миллии Тоҷикистон аз қудратмандтарин қувваҳои мусаллаҳи пиёдагарди минтақа ба ҳисоб меравад, ки сӣ сол муқаддам дар шароити ниҳоят вазнину мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ дар ҳаёти кишвари тозаистиқлоламон таъсис дода шудааст.***



# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, сарфи назар аз он, ки кишварро вазъи печидаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва муноқишаҳои дохилӣ фарогир буд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худро ҳамчун бунёдгузори артиши миллӣ ва дигар сохтору воҳидҳои низомии кишварамон муаррифӣ карда тавонист. Зеро Артиши миллии Тоҷикистон замоне таъсис дода шуд, ки раванди тезутундшавии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар ҳолати вазнину ноором қарор дошт ва низомиёни касбӣ дар кишвар қариб ки набуданд. Дар баробари ин, ташкили Артиши миллии мо дар заминаи холӣ, аз сифр шурӯъ гардида буд. Нахустин кӯшиш дар ин замина Фармони Президенти Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ» буд. Танҳо баъди баргузории Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди Артиши миллӣ ба таври расмӣ амалан сурат гирифт.

***Бояд тазаккур дод, ки хизматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун бунёдгузори Артиши миллӣ ва сохтору воҳидҳои низомӣ дар он таҷассум мeёбанд, ки ҳамчун Сарвари сиёсӣ тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ стратегияи мушаххасеро ба кор баранд, ки тибқи он, аз як тараф, мубориза бо қувваҳои мусаллаҳи зиддидавлатӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ аз ҷониби дигар, созмон додани Артиши миллӣ муайяну мушаххас карда шуд.***

Ҳамин тавр, 18-уми декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида, он дар заминаи «Фронти халқӣ» ва қувваҳое, ки Ҳукумати конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд, таъсис дода шуд. Инчунин, 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва шиддат гирифтани вазъи минтақаву ҷаҳон қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву ҷиноӣ рисолати ватандорию шаҳрвандии худро ба таври шоиста иҷро намуда тавонистанд. Мавриди қайд аст, ки то соли 1997 Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се навъи асосӣ: Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва Қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳавоӣ иборат буданд.




Ба ғайр аз ҷузъу томҳои тобеи навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳамзамон дар тобеияти Вазорати мудофиа қисму воҳидҳои низомии алоҳида низ фаъолият менамуданд. Аз ҷумлаи онҳо Литсейи ҳарбӣ, Донишкадаи ҳарбӣ, Полки комендантӣ, қисмҳои ҳарбии таъминотӣ ва дигар идораҳои ҳарбӣ мебошанд, ки аксари онҳо аз солҳои аввали ташкилёбии Артиши миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, вобаста ба иҷрои вазифаҳои муҳими соҳавӣ корҳои зиёдеро дар самти ҳифзи ватани азизамон амалӣ менамуданд.

Мавриди қайд аст, ки Президенти кишвар дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ корҳоеро ба анҷом расонида тавонистанд, ки шоистаи таҳсину офарин мебошад. Мо худ шоҳиди он будем, ки якчанд гурӯҳҳои бегона бо ҳамроҳии мухолифини тоҷик дар баъзе минтақаҳои кишвари мо амалиётҳои мухталифи ҷангӣ мебурданд. Онҳо мехостанд, ки аз минтақаи мо ба баъзе ҷумҳуриҳои ҳамсоя ҳамла намоянд. Аммо Президенти мамлакат ҳама ҷавобгариро вазниниро ба дӯши худ гирифта, нагузоштанд, ки алангаи ҷанг ба ҳамсоякишварҳои мо паҳн гардад.

Пешвои миллат ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳ ва кафили сулҳу салоҳ баҳри мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, беҳтар гардонидани шароити моддию техникӣ ва вазъи иҷтимоии низомиёни кишвар ҳамеша ғамхории пайваста зоҳир менамояд. Бесабаб нест, ки имрӯз Артиши миллии Тоҷикистон ҳамчун нерӯи обутобёфта, ҷангидаву ватандӯст ва яке аз муқаддасоти миллӣ ва рукни асосии давлатдории миллӣ шинохта шудааст.

Хусусан, таваҷҷуҳи ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар замони соҳибистиқлолӣ нишонаи равшани эҳсоси ватандӯстӣ, дарки зарурат ва аҳамияти ҳимояи давлат ва халқи Тоҷикистон мебошад. Ҳоло, мардуми Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон бо дастгирию ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастаю пайваста буда, дар ҳама ҳолат қудрати кофӣ доранд, ки Тоҷикистони азизамонро аз хавфу хатар ва таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ ҳифз намоянд. Аз фурсати муносиб истифода намуда, мардуми шарафманди кишварамонро ба рӯзи Артиши миллӣ таҳният гуфта ба ҳомиёни Ватан интизоми қавӣ, донишу малакаи комил, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ҷиҳати ҳифзи зиндагии амну осоиштаи мардуми кишвар, ҳамчунин пирӯзиҳои нав ба навро таманно дорам.

**Абдураҳмон МУҲАММАД, ноиби Президенти АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор**



РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№2 (174)
27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023


# ПАЁМ: «СОЛИ 2022 БАРОИ ТОҶИКИСТОНИ МО, СОЛИ БОБАРОР БУД»



<<< Идома аз шумораи гузашта <<<

Масъалаи соҳибкасб намудани шаҳрвандон – махсусан ҷавонон яке аз масъалаҳои меҳварии паём маҳсуб ёфта, ҷиҳати самаранок намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии калонсолон ва гузаронидани ислоҳот дар низоми идоракунии ин муассисаҳо мақомоти дахлдор муваззаф шуданд, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола болое, ки касбу ҳунар надоранд, чораҳо андешанд.

Пешрафти бомароми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, яъне ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, яке аз масъалаҳои муҳими самтҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор рафта, ба ин самт ҳамеша таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол андозаи кӯмакпулӣ барои оилаҳои камбизоат – аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва ба таври иловагӣ барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур дар ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ маблағ зиёд карда мешавад.

Ҷиҳати беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати дигар кормандони мақомоту муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, стипендия ва нафақаҳо 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Зимни ироаи паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро оғози бунёди миллати мутамаддин ҳисобида, мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро ҳамчун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро масъалаи муҳим ҳисобида, таъкид доштанд, ки «...агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифати мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».

Президенти мамлакат ғамхорӣ кардан ба илму маориф ва ҳалли мушкилоти соҳаи мазкурро сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ дониста, дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бомароми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиди корию таълимӣ ва омӯзиширо барои омӯзгорон ва таълимгирандагон вазифаи ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди кишвар ҳисобид. Чунки «...пешрафти давлат ваояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дошта, бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».



Агар соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардида бошад, пас соли 2023 ба соҳаи маориф 7 миллиарду 200 миллион маблағ пешбинӣ шудааст, ки ин нисбат ба соли гузашта 896 миллион сомонӣ зиёд буда, 18,6 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Таваҷҷуҳи пайваста ва фароҳамоварии имкониятҳо ба соҳаи илму маориф, махсусан ба муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбиро Президенти мамлакат дар самти анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва саҳм гузоштан дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллии кишвар дониста, мақомоти марбутаро муваззаф намуданд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешанд. Вобаста ба омӯзиши самти илмҳои муҳандисиву технологӣ таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олии муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё талаботи замон аст.

Ба соҳаи тандурустӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ ба масъалаҳои тарбияи кадрҳо аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо, бо кадрҳои тиббӣ таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ҳамчунин самаранок ба роҳ мондани рушди саноати дорусозӣ, махсус диққат дода шуд.

Нақш ва мақоми зан дар ҷомеа, дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо масъалаҳои муҳими паём мебошад. 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 20 фоизи кадрҳои роҳбарикунанда, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 39 фоиз бонкдорони кишвар, 25 фоиз кормандони алоқа ва 40 фоизи кормандони хизматрасониҳои иттилоотиро занон ташкил медиҳанд. Занон дар рушди иқтисоди кишвар ҳамчун қувваи бузург саҳми назаррас дошта, соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор нафар занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст. Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд, ки аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, боз 100 ҳазор нафари дигар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил доранд.

Бо назардошти ташаббусу лаёқатмандии бонувон ва саҳми арзандаи онҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар Президенти кишвар махсус таъкид намуданд, ки «...ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем».

Ҳамчунин, зимни ироаи паём ба масъалаи ҷавонон ва нақши арзишманду назарраси онҳо дар ҷомеа махсус таъкид намуда, онҳоро ҳамчун захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа, ки аз масъалаҳои муҳимтарин мебошанд», ҳисобида, изҳор доштанд: «Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд».

Ҷиҳати дастгирии ҳаматарафаи ҷавонон дар соли 2022 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул шуда, мавриди иҷро қарор дорад.

Масъалаи ба мушоҳида расидани ҳолатҳои ноогоҳона тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ ҷалб шудани ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ бо мақсади даъвати онҳо ба сафҳои худ, масъалаи ташвишовари замон ба шумор рафта, дар ин самт бояд чораву тадбирҳои дастаҷамъона андешида шаванд. Ба ин хотир мақомоти дахлдор муваззаф гардиданд, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ вусъат бахшида, пеши роҳи чунин гароишҳои ноҷо гирифта шаванд. Бо мақсади пешгирии ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, Президенти мамлакат зарур донистанд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад.

Муждаи хеле фараҳбахш ва мондагори соли бобарори 2022-ро, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун натиҷа ва маҳсули талошу заҳмат ва ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар симои Сарвари он ироа гардид, ин 14-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қарори якдилона дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» мебошад, ки панҷумин ташаббуси ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Раҷабалӣ САНГОВ**

# РАИСИ КУМИТА ОЗМУНИ МАҚОЛАҲОИ БЕҲТАРИНИ СОҲАРО ЭЪЛОН НАМУД



8 феврали соли 2023 дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Нахуст Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Низом Юсуфӣ аз ҳамкории пурмаҳсул ва таваҷҷуҳи рӯзноманигорон баҳри рушди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ изҳори миннатдорӣ намуд. Сипас, аз натиҷаи фаъолияти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 маълумоти мухтасар пешниҳод намуд. Мирзозода Н.Ю. аз ҷумла қайд намуд, ки барои таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ мувофиқ ба талаботҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сохтмону меъморӣ, инчунин ҷиҳати амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии давлат кормандони масъули дастгоҳи марказии Кумита ва воҳидҳои сохтории он, сармеъморони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, инчунин ташкилотҳои сохтмонию истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ сарфи назар аз шакли моликият дар ин муддат кӯшиши бештар ба харҷ дода, барои ноил шудан ба ҳалли масъалаҳои гузоштаушда як қатор корҳоро ба анҷом расониданд.

Ҳамчунин оид ба иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҳамчун барномаи амал қарор дода, барои таъмин намудани риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, санъати баланди меъморӣ, истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон ва минбаъд бунёд намудани биноҳои истиқоматии баландошёна дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

- Соҳаи сохтмон ва меъморӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавқеи муҳим дошта, яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар ба ҳисоб меравад, - гуфт Мирзозода Н.Ю. Бо мақсади иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сохтмон, боз ҳам беҳтар намудани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ, инчунин ташаккули механизмҳои нави ҳамкориҳои байни давлат ва бахши хусусӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда дар рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи



то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2022-2025) таҳия карда шуд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203 тасдиқ гардид.

Дар Стратегия мақсад ва афзалиятҳои рушд, самтҳои асосӣ, вазифа ва механизмҳои ислоҳоти соҳаи сохтмон барои давраи то соли 2030 дар асоси омӯзиши таҷрибаи беҳтарин дигаргунсозиҳои сохтори соҳаи сохтмони кишварҳои хориҷӣ ва тамоюли ҷаҳонии рушди фаъолияти шаҳрсозӣ муайян карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита асосан ба таҳияи асноди лоиҳавию харҷномавии иншоот, нақшаҳои генералӣ ва нақшаҳои муфассали банақшагирии маркази шаҳру ноҳияҳо, таҳия, мувофиқасозӣ ва такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, аз экспертизаи давлатӣ гузаронидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ, додани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, таъмини назорати давлатии сифати корҳои сохтмонӣ ва ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ҷавобгӯ намудани онҳо машғул шуда, баҳри амалӣ намудани ин мақсадҳо кӯшиш ба харҷ додаанд.

Дар самти пешбурди фаъолияти шаҳрсозӣ Раиси Кумита қайд намуд, ки корҳои ободониву созандагӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ ба роҳ монда шуда, сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ зери назорати мутахассисони Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумита қарор дорад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ин ташкил ва таъмини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо нақшаҳои генералӣ ва нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳал мебошад. Айни замон, аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳияи нақшаҳои генералии маркази 65 шаҳру ноҳияҳо пурра ба анҷом расида, бо қарорҳои дахлдор тасдиқ гардида, мавриди амал қарор доранд.

Ба иттилои Раиси Кумита нисбат ба таҳия ва тасҳеҳи лоиҳаҳои муфассали банақшагирии марказҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чораҳои дахлдор андешида истодаанд. Аз ҷониби ҶСК "Шаҳрофар"-и Кумита лоиҳаҳои муфассали банақшагирии марказҳои шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Панҷакент, Бӯстон, Шаҳринав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сангвор, Хуросон, Рӯшон, қисматҳои алоҳидаи шаҳрҳои Бохтар ва Ваҳдат идома доранд. Таҳияи нақшаҳои муфассали банақшагирии шаҳри Душанбе оғоз гардида, то семоҳаи якуми соли ҷорӣ омода карда мешаванд.

Пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатии Кумита дар соли 2022 ба маблағи беш аз 35 миллион сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ, хизматрасонӣ, ҷустуҷӯию тадқиқотиро ба анҷом расониданд, ки ин 112 фоизи соли гузаштаро ташкил намуд.

Ба сифати харҷномаи лоиҳаҳо диққати ҷиддӣ дода шуда, дар ин давра аз харҷномаи иншоот дар маҷмӯъ 287 миллиону 913 ҳазор сомонӣ бо назардошти лоиҳаҳои иншооти "НБО Роғун" кам карда шуд, ки бо ин васила арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ ба ҳамин маблағ арзон гардид.

Аз ҷониби Кумита дар соли 2022 таҳия ва мукаммалсозии 23 номгӯи санади меъёрӣ дар соҳаи сохтмон ба анҷом расонида шуд.

Мувофиқи номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда дар соҳаи сохтмон 1756 ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон мавриди амал қарор доранд, ки аз ин 782 номгӯи он мансуб ба санадҳои меъёрии миллӣ ва 974 номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрҳои байнидавлатӣ дар соҳаи сохтмон мебошанд.

Дар ин давра аз 782 номгӯи санадҳои миллӣ, ки аз даврони шӯравӣ амалкунанда мебошанд, 481 номгӯи онҳо такмил дода шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои меъёрҳои байнидавлатӣ дар соҳаи сохтмон бо теъдоди 974 адад, тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби комиссияҳои байнидавлатӣ оид ба стандартикунонӣ мунтазам бозбинӣ ва тағйир дода шуда, ба талаботи муосир мувофиқ гардонида шуда истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар иншооти "НБО Роғун" мувофиқ ба супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таъмин намудани нерӯгоҳ, ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи нархгузорӣ, масъалаҳои техникии иншоот ва дархостҳои ташкилотҳои дар "НБО Роғун" фаъолиятдошта ҳаллу фасл гардида истодаанд.

Дар ин давра зиёда аз 20 масъалаҳои ба сохтмони иншооти «НБО-и Роғун» тааллуқдошта, аз ҷониби мутахассисони Кумита мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳои дахлдор ба ҶСК «НБО Роғун» ирсол карда шуданд.

Сатҳу сифати иҷрои корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншооти мазкур зери назорати мутахассисони Кумита қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва баррасии масъалаҳои илмию техникӣ дар соҳа 3 ҷаласаи Шӯрои илмию техникӣ, 3 ҷаласаи Шӯрои шаҳрсозӣ ва 4 ҷаласаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон гузаронида шуда, дар маҷмӯъ зиёда аз 45 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Кумита чораҳои зарурӣ андешида истода, раванди иҷрои корҳои сохтмонӣ дар иншооти сохташудаистода зери назорат қарор дорад ва барои бо сатҳу сифати баланд ба иҷро расонидани корҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд, - гуфт Раиси Кумита.

Бо мақсади зиёд намудани таваҷҷӯҳи рӯзноманигорон баҳри рушди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории пурмаҳсул барои инъикоси маводҳои соҳавӣ дар рӯзномаву маҷалла, сомонаву шабакаҳои иҷтимоӣ Мирзозода Н.Ю. озмуни мақолаҳои беҳтарини соҳаро эълон намуд. Ин боис мегардад, ки ҳамкориҳо қавитар гардида, намояндагони воситаҳои ахбори омма барои нашри мақолаҳои ҷолибу пурмуҳтавои инъикоси рушди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии кишвари азизамон қадрдонӣ карда шаванд.

"РБ"





# ҶАЛАСАИ ВАСЕЪИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНСТИТУТИ ГЕОЛОГИЯ, СОХТМОНИ БА ЗАМИНҶУНБӢ ТОБОВАР ВА СЕЙСМОЛОГИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИНИ ЗИЛЗИЛАТОБОВАРИИ БИНОВУ ИНШООТ

Рӯзи 11 феврали соли 2023 ҷаласаи васеъи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба таъмини зилзилатобоварии биноҳо ва иншоот дар толори Кумита баргузор гардид.

Дар маҷлис Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Низом Юсуфӣ, директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Аминзода Пулод, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита, кормандони Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ, Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ, конструкторон, лоиҳакашон, муҳандисони пажуҳишгоҳҳои лоиҳакашӣ иштирок намуданд.

Ҳангоми баромади худ Раиси Кумита оид ба таъмини зилзилатобоварии биноҳо ва иншоот, харитаи ноҳиябандии умумии сейсмикии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани корҳо оид ба ҷустуҷӯиҳои муҳандисию геологӣ, назорати сифати сохтмони бинову иншоот, назорати сифати масолеҳи сохтмонӣ, назорати муаллифӣ, назорати техникӣ, тағйирот дар меъёрҳо, ташкили озмоишгоҳи санҷиши мехсутунҳо, озмоишгоҳи сифати маҳсулоти сохтмони бино, интихоб ва ҳисоби конструксияҳо, назорати сифати сохтмони иншооти шаҳри Душанбе ва маркази вилоятҳо ба мутахассисон масъалагузорӣ намуданд.

Баъдан директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар, экспертони Кумита ба ҳозирин аз ҳодисаи рӯзҳои охир дар давлатҳои Туркия ва Сурия маводҳо пешниҳод намуда, дастуру тавсияҳо доданд.

"РБ"

# КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН БАРОИ САНҶИШИ МУСТАҲКАМИИ БИНОҲО ВА СОХТМОНИ БА ЗАМИНҶУНБӢ ТОБОВАР ГУРӮҲҲОИ КОРӢ ТАЪСИС ДОД



Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади санҷиши мустаҳкамии биноҳо ва сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар гурӯҳҳои корӣ таъсис дод.

Зимни ҷаласаи якуми комиссияи кории Кумитаи меъморӣ ва сохтмон оид ба санҷиши мустаҳкамии биноҳо ва сохтмони ба заминларза тобовар марҳилаи аввали фаъолияти гурӯҳҳои корӣ баррасӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2023 пас аз заминларзаҳои рӯзҳои охир дар Туркия ва Сурия бо мақсади санҷиши мустаҳкамии биноҳо ва сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 январ зимни баргузории маҷлиси васеи Ҳукумат супориш дода буданд, ки намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назоратро ҷиҳати вусъат додани бунёду тақдиди иншооти ба нақша гирифта, суръат ва сифати корҳои сохтмон, инчунин ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодаи минбаъдаи онро ҷоннок намоянд.

"РБ"



РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета






# БОЗДИДИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МИРЗОЗОДА НИЗОМ ЮСУФӢ АЗ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ҚУБУРҲОИ ШИШАПЛАСТИКИИ "КОМПОЗИТ Т.А."-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Бо мақсади иҷрои дастуру тавсияҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ки зимни вохӯрӣ бо Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Низом Юсуфӣ баён доштанд, Раиси Кумита якҷоя бо роҳбарони зерсохторҳои Кумита аз корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикии "Композит Т.А."-и шаҳри Душанбе боздид намуд.

Зимни шиносоӣ аз корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ ба Раиси Кумита иттилоъ дода шуд, ки дар корхона қубурҳои шишапластикии қутрашон 300 ва 3000 мм истеҳсол гардида, иқтидори солонаи он ба 150 км мебошад. Қубурҳои мазкур новобаста аз дарозӣ ва ҳаҷм хеле сабук буда, аз лиҳози насбнамоӣ ва истифодабарӣ хеле содда ва осон мебошанд. Ҳамчунин қубурҳои шишапластикӣ ба фишори баланд тобовар буда, оташбардор ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст.

Қубурҳои шишапластикӣ дар соҳаи таъминоти аҳолӣ бо хатҳои оби тозаи ошомиданӣ, обёрӣ ва корезии шаҳри Душанбе татбиқ карда мешаванд. Маҳсулоти корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ дар шаҳри Душанбе, масолеҳи воридот ивазкунанда буда, ба буҷети кишвар низ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Пас аз шиносоӣ аз фаъолияти корхона, Раиси Кумита дар назди масъулин оид ба омӯзиши шартҳои техникии масолеҳи воридотивазкунанда ва пешниҳоди он барои баррасӣ дар Шӯрои илмӣ-техникии Кумита вазифагузорӣ намуд.

"РБ"



Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Кумита аз натиҷаи дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, ки ҳангоми ба вазифа таъин намудани роҳбарияти Кумита бо мақсади тарбияи кадрҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дода шудааст, имрӯзҳо дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсҳои омӯзишӣ бо мақсади тарбияи кадрҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ бо иштироки муҳандисон, лоиҳакашон, конструкторон ва меъморони Кумита гузаронида шуда истодааст.

"РБ"

# ДАРСҲОИ ОМӮЗИШӢ БО МАҚСАДИ ТАРБИЯИ КАДРҲОИ СОҲАИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ ДАР ЗЕРСОХТОРҲОИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





# ТО СОЛИ 2025 ДАР ҲИСОР 10 ҲАЗОР АҲОЛӢ СОҲИБИ МАНЗИЛ МЕГАРДАНД

Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор 59 бинои баландошёна бо масоҳати 181,8 ҳазор метри мураббаъ бунёд ва то соли 2025 беш аз 10 ҳазор нафар соҳиби манзил мегарданд. Алҳол корҳои сохтмонӣ дар қисмати бештари ин биноҳои баландошёна босуръат идома доранд.

Таври Раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар 8 феврал зимни нишасти матбуотӣ гуфт, «бунёди биноҳо дар доираи татбиқи марҳилаи якуми Нақшаи генералии шаҳри Ҳисор, ки даҳ сол муқаддам аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, сурат мегирад. Инчунин дар доираи татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Ҳисор бо дастгирии соҳибкорон ва ҷалби сармояи хориҷӣ сохтмони муассисаҳои муосири томактабӣ, таълимӣ ва дигар инфрасохтори замонавии хизматрасонӣ пешбинӣ карда шудааст».

Таъкид шуд, ки Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор дар асоси нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуд. Теъдоди лоиҳаҳои чорабиниҳои он аз 654 адад ба 2071 адад расида, маблағи он 1 миллиард сомонӣ зиёд карда шуд.

**АМИТ «Ховар»**

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№2 (174)
27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023



# АРТИШИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН 30-СОЛА ШУД

**Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони истиқлолияти давлатӣ буда, вазифаҳои муқаддасу пуршарафи дар назди онҳо гузоштащударо вобаста ба ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, пойдории аркони давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардуми шарифи кишвар сарбаландона иҷро карда истодаанд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Маълум, ки ҳар як давлат соҳиби марзу бум ва рамзҳои давлатии худ буда, барои ҳимояи кишвар тамоми неру ва дигар имкониятҳои мавҷудаи ҷисмониву зеҳнии худро ба кор мебарад, зеро бе доштани артиш, ки яке аз пояҳо ва рукнҳои давлатдорист, ҳифзи сарҳадоти мамлакат имконнопазир аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ давлати соҳибистиқлолест, ки барои ҳифзу суботу амнияти худ ба Артиши миллӣ такя мекунад. Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар қатори як зумра кишварҳои пасошуравӣ бо таърихи сисолаи Артиши миллии хеш собит намуд, ки он ҳамчун такягоҳи асосии давлат ва сипари боэътимоди миллат ба ҳисоб меравад. Артиши миллӣ барои ба эътидол даровардани вазъи душвору сангини мамлакат ва пуштибонии сулҳу суботи ҷомеа хизматҳои беназиру мондагор намуда, дар мамлакат рӯзи Артиши миллӣ ба таври васеъ ва бо шукӯҳу ҷалол ва ботантана таҷлил карда мешавад.

Таърих гувоҳ аст, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардид. Маълум, ки ҳамон ҳангом душманони дохиливу хориҷии миллати мо бо дахолати хоҷагони зархаридашон Тоҷикистонро ба гирдоби ҳалокат ва ҷангҷолу кашмокашҳои сиёсӣ кашиданд. Азбаски як навъи табодулот - аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравии абарқудрат сурат мегирифт, сохторҳои фалаҷгардидаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ дигар натавонистанд, ки сари роҳи бадкирдориҳои гурӯҳҳои ҷиноятпешаро бигиранд. Акнун эҳсос мегардид, ки дар чунин вазъият артишеро ба миён овардан лозим аст, ки ҳимояи ин гуна бедодгариву нақшаҳои душманонро бардбод бидиҳад. Ин буд, ки андешаи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Пас аз Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон ин масъала мавриди назар қарор гирифта, ин ниҳоди муҳими давлатӣ дар як муддати хеле кӯтоҳ, дар ҷойи холӣ таъсис ёфт.

Ҳамин тавр, бо қарори Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 18 декабри соли 1992, №3 «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Бо пешниҳоди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 феврал дар мамлакат Рӯзи Артиши миллӣ эълон карда шуд. Дар робита ба ин, бо Фармони роҳбари давлат аз 29 сентябри соли 1992 ва бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1992 дар пойгоҳи техникуми геологӣ коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ-муҳандисӣ ташкил гардид ва гурӯҳи нахустини донишҷӯён ба он шомил шуда, дар ин коллеҷ бори аввал 23 феврали соли 1993 паради



Артиши миллӣ доир шуд ва ва нахустин савганди ҳарбӣ ёд карда шуд. Минбаъд бо дарназардошти таҳдиди хатарҳои муосир навъи сеюми Қувваҳои Мусаллаҳ ё худ Қӯшунҳои зудамал бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2003 дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Сершумортарин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ қӯшунҳои хушкигард аст, ки соли 1993 ташкил ёфт. Акнун метавон гуфт, ки Артиши миллӣ ҳамчун неруи муқтадир ва кафили амнияту осоиш, сулҳу суботи кишвар ташаккул ёфт, рушд кард ва дар ҳифзи мамлакат аз душманони дохиливу хориҷӣ саҳми беандоза дорад.

Бо итминони комил мегӯем, ки дар таъсис ва таҳкими Артиши миллӣ саҳми Пешвои миллати мо калон аст. Ҳамон ҳангом Сарвари кишвар ҳини савгандёдкунии хизматчиёни ҳарбӣ таъкид намуда буданд: «Хизматчиёни ҳарбиро зарур аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро ҳаргиз аз даст надиҳанд ва донишу малакаи касбии худро пайваста баланд бардошта, барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаву ғайричашмдошт ҳамеша омода бошанд». Воқеан ҳам, вақту замон исбот намуд, ки тайи сӣ соли мавҷудияташ Артиши миллӣ ба ин фармудаи Роҳбари давлат содиқ монд ва дар ҳама вазъияту ҳолат тайёр будани хешро баҳри рафъи бесарусомониҳо нишон дод.

Дар солҳои аввали мавҷудияти хеш Артиши миллии Тоҷикистон, яъне то соли 1997, аз се қисм - қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қӯшунҳои мудофиаи ҳавоӣ иборат буд. Минбаъд бо Қӯшунҳои зудамал (аз соли 2003, таркибаш қисмҳои низомии десантӣ, тирандозони кӯҳӣ, қисмҳои таъиноти махсус, полки муҳандисӣ-сапёрӣ ва як қатор ҷузъу томҳои дигар, литсейи ҳарбӣ, Донишкадаи ҳарбӣ (соли 2002), полки комендантӣ, қисмҳои ҳарбии таъминотӣ ва дигар сохторҳо шомил гардида, фаъолият доранд.

Бояд иқрор шуд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвори муқовимат роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт ва ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфт ва бунёди ин қувва кори осон набуд. Инкишофи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳуриро метавон ба се давра тақсим намуд. Даври аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ташкили қувваҳои ҳарбие буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромиши ҳаёти осоиштаро дошт. Давраи дуюм иборат аз такмили сохтори ташкилию сохторӣ буда, ба таъсиси қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ оғоз гардид. Давраи сеюм бошад, пас аз ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат оғоз гардид. Дар ин давра вазифа ва таъйиноти намудҳои амалкунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ аз нав баррасӣ гардида буд. Минбаъд дар Қувваҳои Мусаллаҳ гузаронидани ислоҳоти ҳаорбӣ вобаста ба пешрафти ҷомеа ва авзои сиёсии ҷаҳон идома хоҳад ёфт.

Бояд хотирнишон сохт, ки бе кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ ва соҳиби малакаи низомӣ ягон артиш ба комёбӣ муваффақ намегардад. Ин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи тарбияи кадрҳои ҳарбӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, сафҳои онро бо хатмкунандагони академияҳои гуногуни ҳарбӣ, афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ, ҳамзамон, дастпарварони кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олӣ такмил дод. Айни замон қисми зиёди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор мактабҳои олии ҳарбии кишварҳои хориҷа таҳсил доранд.

Замони муосир замони пур аз ҳаводис ва пуртазод аст. Вақти он аст, ки бояд масъалаи баланд бардоштани эҳсоси хештаншиносӣ, ватандӯстию садоқат ба давлату миллат дар меҳвари диққати ҳама ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дошта бошад. Дар робита ба ин, дақиқ аст, ки артиш - сипари боэътимоди мамлакат, кафили амнияти ва зиндагии осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад. Сулҳу суботи ҷомеа, табассуми тифлони маъсум ва хоби нози дилбаронро маҳз мардони содиқу вафодор, ватандӯсту ватанпарвар ва қавидилу қавиирода муҳофизат мекунанд. Мардуми шарифи тоҷик ба Артиши миллӣ садоқати бепоён дошта, барои паҳлу ба паҳлӯи ҷавонмардони ҳомии Ватан истодани худро нишон медиҳанд. Чунин ҳамдигарфаҳмӣ метавоналд боиси амну амонӣ дар кишвари гулгулшукуфти мо бошад.

Чунонки Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар руҳияи ватандӯстиву ватанпаравар, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад». Воқеан ҳам, имрӯз вақти он расидааст, ки барои ҳимояи ҳар ваҷаб хоки муқаддаси аҷдодиамон ҳамеша тайёр будани худро бо меҳру садоқати ватандӯстии ҳақиқӣ нишон диҳем, зеро ин амал қарзи виҷдонии ҳар як шаҳрванд, бахусус, қарзи ҷавонони баору номуси мост. Артиши миллии мо тавонист, зеро он тӯли 30 соли мавҷудияти хеш пеш рафт, рушд ёфт, таҷрибаи комил пайдо намуд. Ҷавонони саодатманди тоҷик инро ба хубӣ дарк мекунанд ва ҳамеша дар роҳи ҳифзи Ватан тайтайёр будани худро бо хизмати софдилона ба Ватан иброз медоранд. Чунонки шоир фармудааст:

**Артиши миллӣ бувад рамзи зафар,**
**Бар Ватан гардида неную зафар!**
**Шукри марзи Тоҷикистон мекунем,**
**Ҳифзи онро аз дилу ҷон мекунем!**

**Ҳ. ШАҲРИЁР**

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета



# ТАВОНО БУВАД,

## (андешаҳо перомуни

<<< Идома аз шумораи гузашта <<<

### ИНСОН – МАҲСУЛИ ҶАМЪИЯТ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Агар одам аснои ба дунё омадан мафҳум ва падидаи биологӣ бошад, мартабаи «инсон», «шахс», «шахсият» қисмат ва маҳсули ҷомеаи инсониву муҳити иҷтимоӣ аст. Тибқи хулосаи олимони маъруф «... моҳияти инсон истилоҳи мавҳум, номуайян нест, ки ба як шахс мансуб бошад. Воқеан, одам маҷмуи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ аст».

Одам офаридаи ҷисмонӣ, маводи олии табиат аст. Хосияти анатомифизиологӣ ва қонунмандиҳои биологиро дар худ таҷассум мекунад. Ҳамзамон бо ин, табиат дар шаклгирии муҳтавои ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии инсон нақш дошта наметавонад. Аммо натанҳо забон, шеваи гуфтор, ҷаҳонбинӣ, муносибат ба оламӣ ҳастӣ - муҳити атроф, балки аз «ҷорпой» ба ду по истода роҳ гаштанро ҳам одам аз одам меомӯзад.

Аз тарафи дигар набояд гумон кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти аз инсон дур ва ҷудогонаанд. Баръакс. Худи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳият, мағз андар мағзи инсонро ташкил мекунанд.

Натиҷаи муносибати худи одамон дар асоси фаъолияти дастаҷамъӣ (ҳамкорӣ, муомила, муошират, табодули афкор, ҳамраъйӣ,) шакл мегирад. Маҳз дар аснои муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои дарк (сарфаҳм рафтан, фаҳмидан)-и олами атроф (табиат, ҷамъият, давлат, тамаддун, фарҳанг, дин ва ғ.) ба вуҷуд меояд.

Ҷаҳонбиниҳо, идеяҳо, ормонҳо, нияту мақсадҳои ақидатӣ ба инсонҳо зарурати гурӯҳбандии иҷтимоиро дар ҳар шакл ҳидоят мекунанд. Асос мегузоранд.

Пас ин терроррристҳо, ифротгароён, худкушҳо - диишиҳо, ансоруллоҳиҳои наҳзатӣ, салафиҳо, таҳририҳо, унсурҳои зиддимиллӣ кай? Дар кадом ҳолат? Аз куҷо пайдо шуданд?

Надоштани дониши бунёдӣ, раҳгумиҳои зиддимиллӣ, фосилагирӣ аз ҷаҳонбинии маорифпарварона дар муҳити муайян – оила, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, алоқа бо шахсони ифротгаро сабаб шуд, ки садҳо ҷавон ба гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ҳамроҳ гашта, миллат ва давлати Тоҷикистонро дар арсаи олам бадном созанд. Ва ин ҷараён шиддат гирифта истодааст.

Дар назария ва амалияи таъмини вазъи амнияти давлат, ҳам дар дараҷаи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ, се мафҳум ҳамчун истилоҳи қолабӣ (формула) истифода мешаванд: рақиб (1); мақсад ва ниятҳои рақиб (2); қувва ва воситаҳои таъмини амнияти давлати миллӣ (3).

Таҳлилгар, масъул ва тасмимгир мизон ва таносуби ин се ченакро мебояд пайваста пайгир бошанд. Дар муддати 24 соат.

Аммо «амният» мафҳуми фардӣ, идоравӣ, соҳавӣ, махсускунонида ва маҳдуд нест. Таъмини амнияти давлат мафҳуми занҷиравӣ аст. Низоми ягонаи дар меъёрҳои конститутсионӣ муайяншуда мебошад. Он фаъолияти маҷмуи дастгоҳҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Дар занҷир ҳалқаи сусттарин оқибат мешиканад. Ва занҷир таъйиноти худро аз даст медиҳад.

Агар аз рӯйи назарияи воқеият, ҳамчун категорияи мантиқ назар кунем – бадтарин ҳақиқат беҳтар аз беҳтарин раҳгумзадаҳост. Яъне системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, ки қисмати асосии онро мактаб ва маорифи умумӣ ташкил мекунад, дар муқобили идеологияи геополитикии ноором сохтан ва шикаст додани давлатҳои миллӣ, номутаносиб будани худро дар амал, дар таҷриба нишон дода истодааст.

Албатта, ҷанг ҳамчун истилоҳ мафҳуми сиёсӣ, ифодакунандаи мақсад ва ҷараёнҳои сиёсӣ барои тағйир додани вазъ ва андозаи истифодабарии манфиатҳост. Ҳамчунон, ҷанг ягона воситаест, ки сифат ва самаранокии системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва идеологии як давлат дар он имтиҳон карда мешавад. Набудани ҷанг сулҳ аст. Аммо вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, ниёз ба шарҳи иловагӣ надорад.

Агар вазъияти маънавӣ – идеологии насли ҷавон дар чаҳорчӯбаи мафҳумҳои баёншуда тафсир гардад, ба манфиати суботи пойдори давлатдорӣ арзёбӣ кардани он мушкил мешавад.

Фаъолияти мактаб, маориф - кӯшишҳои ташаккули ҷаҳонбинии мардум, махсусан ҷавонон, мебояд ба он нуктае равон карда шавад, ки маҳз худи инсон, дониш, хирад, ақл ва фаросати ӯ омили хушбахтии ӯст. Халқҳои пешқадами олам, ки имрӯз мусулмонҳо пойбанд ва вобастаи онҳо ҳастанд, барои худ афсона, тасаввуроти ғайриодӣ намебофанд. Саҷда ба донишу хирад мекунанд. Ба умеди фазилат ва донишҳои заминӣ ҳастанд. Ба гуфти Абуалӣ Сино, агар ба чароғ равған ҷон бахшад, ба инсон илм.

Инсоне, ки ба илму хиради одамӣ бовар дорад ва ба он такя мекунад, барои худ ва ҷомеа муфид, ҳадди ақал, безарар аст.

### ҲОЛАТ, МУНОСИБАТ, ВАЗЪИЯТ

Тавре таъкид гардид, мактаб муҳимтарин ҳалқа дар занҷири ташаккули ҷаҳонбинии давлатдории миллӣ мебошад. Он муҳтаво ва тарзи фаъолияти шуури ҷамъиятиро асос мегузорад (1), наврасон ва ҷавононро барои шинохти олам, фаъолияти амалӣ – шакли ҳастии ҷомеа ва қонунҳои амалкарди он омода месозад (2).

Аз эҳтимол дур аст, ки бакамолрасии инсон ҳамчунин давраро дар зарфияти синнусолӣ, бори дигар пайдо мекарда бошад. Ин масъулияти бузург дар Паём, тавассути рақамҳо дар тағйироту қиёс хотиррасон мегардад: «Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод». (Ҳамон ҷо. – С.5).

Сиёсати Роҳбари давлат дар созмондиҳии шароити таълимӣ ин воқеиятро ҳам ба назар гирифтааст. Ва дар шумора, суръат ва сифати бунёди боргоҳҳои маърифатӣ, бидуни шак, Тоҷикистон дар минтақа аз ҷумлаи беҳтаринҳост.



Ба тарзи дигар, ҳукумат вазифаи худро барои муҳайё сохтани имконоти воқеии тарбияи насли наврас ва ҷавонон иҷро мекунад.

Аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки сифати кори мактаби имрӯза, дониши хонандагон, мутаносибии маърифатнокии шогирдон бо зарфияти синну сол ва дараҷаи таҳсил, бо шароити ҳақиқие, ки барои муаллимону талабагон омода гардидааст, дар мувофиқати пурра нест.

Аслан, сухан натанҳо дар бораи донишҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ меравад. Ин масъала ниёз ба баҳси алоҳида дорад.

Мавриди назар маълумот, тасаввурот, дарки мавзӯъ дар бораи маҷмуи ҷаҳонбинӣ оид ба таърихи миллат, фарҳанг, тамаддун, адабиёт, меъёрҳои грамматикии забони модарӣ, ҳуқуқ, умуман, фанҳои гуманитарӣ дар доираи барномаи мактабӣ аст. Маҳз ҳамин донистанҳо мавқеи шаҳрвандии насли наврас, ҷавононро нисбат ба мафҳумҳои Миллат, Ватан, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ муайян месозанд. Ҷаҳонбинии ояндагони ҷомеаро ба зиндагии шоиста мутобиқ ва мувофиқ мекунонанд.

Ин камбуди ҷиддӣ, ки мавриди ишора қарор гирифт, ҳатто дар рафти таълим дар курсҳои болоии мактабҳои олӣ, ки акнун омодагии донишҷӯ ба сифати мутахассис мебояд шинохта шавад, баръало мушоҳида мегардад. Охир, «мактаб қувваи бузургро молик аст, ки он тақдири халқҳо ва давлатҳоро дар асоси фанҳо ва принсипҳое, ки дар системаи таълими мактабӣ ҳамчун таҳкурсӣ таъйин шудааст, муайян мекунад» (Д.И. Менделеев. Сочинения. Т.1. – М, 1934. – С.153).

Таваҷҷуҳ карда шавад ба иборaҳои «дар асоси фанҳо ва принсипҳо (1) (асос, қонун, усул, бунёд, шарт. Русско-таджикский словарь. –М.: Русский язык, 1985. – С.854) дар системаи таълими мактабӣ (2)».

Принсип, аз ҷумла, дар соҳаи маориф ҳам, талаботи моддаи 1, боби 1–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар ҳамин асос, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ коркард ва роҳандозӣ шудаанд. Маҳз аз рӯи талаботи мазкур барномаи таълимӣ коркард ва китобҳои дарсӣ навишта мешаванд. Яъне муҳтаво ва ҷараёни таълиму тарбия аз поин то боло, сарфи назар аз шакли моликият ва мансубияти молии инфрасохтори муассисаи таълимӣ, алоқамандии ногусастаниро бо масъалаҳои бунёдӣ ва суботи давлатдорӣ пайваст мекунад. Се ҷузъиёт - қонун (1) - барнома (2) - китоби дарсӣ (3) танзимгари муҳимми фаъолияти мактаби миллӣ мебошанд. Ба талаботи рӯзмарраи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ – маънавии давлатдории миллӣ мувофиқат доштани мантиқи таълиму тарбияро ҳамчун талаботи бунёдии манфиатҳои миллӣ тасдиқ менамояд.

Китоби дарсӣ офарандаи инсон аст.

Мутаассифона, замони истиқлол, то ба ҳол, натавонист насли нави муаллифони барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиро ба майдони эҷоди илмӣ ворид созад. Онҳоро дар байни устодон, шогирдон, маорифпарварон, падару модарон, аҳли ҷомеа муаррифӣ кунад. Муассир ва соҳибэҳтиром гардонад. Номварӣ, шуҳрат ва манзалати муаллифони китобҳои то ибтидои солҳои навадумро барқарор намояд. Аз лиҳози илмӣ ба дилҳо бишинонад. Гузашта аз он, баъзан китобҳои дарсӣ аз рӯйи мазмун ва мундариҷа, аз маводи таълимии хурофотӣ ва бегонапарастии муллоҳои бесалоҳият (шояд баръакс) фарқ намекунанд. Баъзе олимоне ҳам, ки дар замони шуравӣ то андозае соҳибэҳтиром буданд, бо навиштани китобҳои дарсӣ, дар замони истиқлолият ҷойгоҳи худро, амалан ва бори дигар дар ботлоқи фурсатҷӯёнаи ҷаҳонбинӣ асримиёнагӣ ва ба хурофотӣ нишон доданд.

Мушкил он аст, ки тасаввуроти ғайриилмӣ ва бардурӯғ ақлҳоро дар муҳосира ва сарбастагӣ нигоҳ медоранд. Сӯиистифодаи наврасону

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№2 (174)
27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023


# ҲАР КӢ ДОНО БУВАД

## Паёми Пешвои миллат)

ҷавононро, аз ҷониби унсурҳои зиддимиллӣ, осон мегардонанд.

Бидуни шак, ин ҳолат аз бемасъулияти мансабдорони соҳаи илму маорифи мамлакат шаҳодат медиҳад, ки тӯли солҳо, такрор ба такрор, худро дар ҳамин мавқеъ ва дар дараҷаи ҳамин гуна муносибат нишон медиҳанд.

Аз лиҳози дигар, таълифи чунин китобҳои дарсӣ аз камбуди маънавиёт ва руҳияи миллии муаллифоне, ки ба ҳар роҳу восита чунин ҳуқуқро пайдо мекунанд, гувоҳӣ медиҳад.

Вобаста ба ин, хотирнишон бояд кард, ки инсон соҳиби ду нутқ аст: маънавӣ, хаёлӣ, дар шакли хомӯшӣ, вақте инсон дар муколама бо худаш танҳо мемонад (1). Ва берунӣ, зоҳирӣ, шифоҳӣ (2). Нутқи дохилии инсон афзалтар аз нутқи шифоҳӣ аст. Он худ ба худ, якка ба якка аст. Ҳисоботи Ақл, Адл, Инсоф ва Виҷдон дар назди худи Инсон. Ҳофиз ба ҳамин муҷодала ишора карда мегӯяд:

***Дар андаруни мани хастадил надонам кист,***
***Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост?***
***Аз он ба дайри муғонам азиз медоранд,***
***Ки оташе, ки намирад, ҳамеша дар дили мост.***

Маликушшуаро Баҳори Хуросонӣ (1886–1951) «Шоҳнома»-и Фирдавсиро беш аз сад маротиба мутолиа мекунад. Гаштаву баргашта ба шоҳкории як ҳамватани худ, ки дар замони ҳокимияти мустабиди бегонагон, ҷон дар хатар, умри азизи худро ба шаъну шони миллати тоҷику форс бахшидааст, сари таъзим фуруд меорад. Аз ҳоли ҳамватанони замони худ, ки умре ба ҷоплусӣ ва бегонапарастӣ машғул буданд, дилаш заҳ мекашад. Ва бе қаламу қоғаз, ба дуриҳои дур менигарад. Худ ба худ, бадоҳатан ба Фирдавсӣ муроҷиат карда, мегӯяд:

***Туро сано кунаму бас, ки з-ин дағал мардум,***
***Ҳаме надонам як тан, ки мустаҳиқи саност.***
***Дареғ, ки аз паси умр хизмати ватанӣ,***
***Надид чашмам як ҷузв аз он чӣ дил мехост.***
***Зи пухтакории агёру хомтабъии қавм,***
***Чунон бисӯхт димоғам, ки дуд аз он бархост.***

Барқасди хурофотпарастони замони худ мефармояд:

***«Шоҳнома» ҳаст беигроқ Қуръони Аҷам,***
***Рутбаи донои Тӯсӣ, рутбаи пайғамбарист.***

Ва андешаи худро ҷавонмардона хулоса мекунад:

***Ба сад нишон, ҳунар андеша карда Фирдавсӣ,***
***Наузиббилаҳ, пайғамбар аст, агар на Худост.***

Муҳиммияти сухани Фирдавсиро барои ҳама давру замон ва то абад бар зидди андешаи ғуломӣ таъкид месозад:

***Эй ҳакими номӣ, эй Фирдавсии сеҳрофарин,***
***Эй бар ҳар фан дар сухан чун марди як фан устод,***
***Шӯру эҳёи Ватан гар дар дили покат набуд,***
***Рафта буд аз турктозӣ ҳастии Эрон ба бод.***

Аз ин лиҳоз, вақте сухан дар бораи тарбия ва таълим меравад, маънои омӯхтан, омӯзонидан, роҳнамоӣ, сарварӣ, ғамхорӣ ва ҳимоя кардани ҳамватанро дорад. Чунин ҷараён мебояд тамоми ҳаёти инсонро фарогир бошад. Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст.



Дар навиштани китобҳои дарсӣ дар соҳаҳои забон ва адабиёти тоҷик, солҳост, ки вазъият ба нафъи манфиати илмӣ ҳалли худро намеёбад. Дар ин самт мақсаднокӣ, ба талаботи сохти давлатдорӣ пурра мувофиқат кунонидани мундариҷа ва муҳтавои китобҳои дарсӣ ва албатта, масъулиятнокӣ ва иродатмандии миллӣ камтар ба чашм мерасад. Аммо ҳаррӯза кӯдакону наврасон маҳз аз ҳамин мавод дарс мегиранд.

Магар дар сӣ сол категорияҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ, таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ ниҳоятдараҷа тағйир ёфтанд? Муносибат ба мазмун ва муҳтавои эҷодиёти инсонпарваронаи адибони классикӣ таҳаввулот пайдо кард?

Дуруст. Давра ба давра дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дигаргунӣ ба амал меояд. Ин тағйирот мебояд дар асоси усулият дар ҳар соҳа инъикос ёбад.

Модоме ки дарки мутахассис, фарзияи беҳтар ва хубтар аз пешинаро пайдо карда наметавонад, магар зарурат барои шикастани он чизе, ки солҳо омода гашта, дар амалия тасдиқи илмӣ пайдо кардааст, ба талаботи ҷаҳонбинӣ, бо андак кӯшиш, мутобиқ кунондани он имкон дорад, нобуд кардани чунин ганҷина ба мақсад мувофиқ аст?

Бошад имрӯз олиме, ки дар сатҳи китобҳои дарсии барои мактаби миёна навиштаи донишмандони маъруф – устод Айнӣ, Абдурраufи Фитрат, Сайид Ризо Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳамид Бақозода, Ҳилол Каримов, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Абдусалом Деҳотӣ, Воҳид Асрорӣ, Маҳмадуллоҳ Лутфуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Юрий Бобоев ва бисёр дигарон аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ, далелнокии таърихӣ, муносибати системавӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мантиқӣ, дар асоси ҷаҳонбинии пешқадам ва созанда асар офарида тавонад? Дар сурати ҷавоби мусбат, мақолаву асарҳои онон бояд намуна бошанд.

Ба андешаи инҷониб, зарур аст, ки китобҳои дарсии нобиғаҳои маъруфро ҳамчун асос, бунёд ба ҳисоб гирифта, бо онҳо «шогирдӣ ва ҳаммуаллифӣ» кард.

Китоби дарсӣ навиштан дар илми тоҷик, анъанаи беш аз садсола дорад. Дар ин ҷода бояд чунон саҳм гузошт, ки мисли муаллифони номдори пешин «ангушт газидане ба ёрон монад» (Абусаиди Абдулхайр, асри XI), на таассуфу афсӯс.

Маҳз мутобиқкунонии манфиатҳои ҳар шахс ба манфиатҳои умумимиллӣ эҳсоси бузурги ҳамраъйии ватанпарваронаро эҷод мекунад. Мардумони содаро аз ҳолати бешууронаи пойбандӣ ба он зуҳуроте, ки ба манфиати миллат ва Ватани ӯ нестанд, бозмедорад, берун меорад.

### МАНФИАТИ МИЛЛӢ ВА МАОРИФИ ДИНӢ

Вақте сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ меравад, бидуни шак, таъмини амнияти миллӣ аз лиҳози сиёсӣ – ҳудудӣ, рушди посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллии мувофиқ ба таъмини давлатдории миллӣ, пешбинӣ, сари вақт ошкор ва хунсо кардани таҳдидҳои ба амнияти миллӣ хатарзо дар назар дошта мешавад.

Дар ҳар сурат таъмини амният ва инкишофи давлат бидуни хосияти меҳварӣ пайдо кардани ҷаҳонбинии миллӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Намунаҳои он дар ноороmиҳои баъзе кишварҳои минтақа тасдиқи ин гуфтаҳост.

Албатта, фарҳанг зинаи аввали расидан ба манзалати тамаддунии миллат аст. Ва ҷузъи таркибии он маҳсуб мегардад.

Фақат беҳтарин, устувортарин, машҳуртарин намунаҳои фарҳангӣ метавонанд вориди манзалати тамаддунӣ гарданд.

Ҳангоми омӯзиши гузаштаи халқу миллатҳо мафҳумҳои антропологӣ ва таърихӣ мутаносибан истифода мешаванд. Антропология дараҷаи ҷараёни мутобиқ гардидани халқҳоро ба шароити муайяни муҳити табиӣ ва маданӣ меомӯзад. Таърих бошад, доира ва мавзуи васеи таҳқиқот дорад. Миллатҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки аз чаҳорчӯбаи мутобиқшавии одӣ ба табиату ҷамъият пештар рафтаанд.

Тоҷикон миллати худкифо ва соҳибтамаддун ҳастанд. Ҳанӯз ду ҳазор сол қабл, ба ҳоли халқе, ки «зи шири шутур хӯрдану сусмор, тахти каёнӣ орзу кардан»-ашро хандида, бо ғурур ба истеҳзо кашидаанд.

Мавзуи омӯзиши таърих халқҳоеанд, ки соҳиби орзуву ормон ва нақшаҳои ояндасоз мебошанд. Ва амалӣ кардани онҳо фарҳангу хиради ин мардумонро боз ҳам сайқал мебахшад. Зиндагии инсонро ба беҳбудӣ ва сулҳу оромӣ раҳнамун мекунад.

Умуман, тасаввурот ва нияту мақсадҳое, ки метавонанд як чизи идеалиро ба фоидаи пешрафти ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонанд, барои таърих муҳим мебошанд.

Ормонҳое, ки амният ва рушду тараққии миллатро дар шароити рақобатҳои глобалӣ таъмин месозанд, обрӯву манзалати онро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин менамоянд, метавонанд, як шакли эътиқод ва боварӣ гарданд.

Дар бисёре аз динҳои миллӣ мақсадгузорӣ барои пешрафти миллат ва кӯшиши амалӣ кардани он як чизи одӣ, муқаррарӣ мисли нафаскашӣ, гардиши хун ва табодули моддаҳо дар организми инсон аст.

Ҳамзамон бо ин, ба роҳибон ва муридон тавсия дода мешавад, ки таҳлилгар бошанд. Омӯзанд, муайян созанд, ки чӣ чизе дар тӯли таърих сабаби пешравӣ ва ё баръакс, боиси қафомонии миллати онҳо дар рақобат бо намояндагони халқҳо ва дину оинҳои дигар шудааст? Тавсеаи илму маърифат дар эътиқодоти ин динҳои миллӣ муайянкунандаи дараҷаи наздикшавии диндорон ба эътиқодоти Осмонӣ ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, мо наметавонем ба андешаи баъзе олимон, ки рушду тараққӣ, ҷаҳонбинии давлати миллиро зуҳуроти мухтор ва эътиқодоти диниро ҷудо аз он мешуморанд, розӣ шавем.

>>> Идомааш дар шумораи навбатӣ >>>

**С. ЯТИМОВ, профессор**
**Бознашр аз маҷаллаи «Илм ва ҷомеа», № 1 (31), соли 2023**

CMYK

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета


# ТАЪМИНИ ЗИЛЗИЛАТОБОВАРИИ БИНОВУ ИНШООТ - АСОСИ

**Шарҳи мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба таъмини зилзилатобоварии биноҳо ва иншоот: Аминзода П. - Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ; Маҳмадиев У. - Сардори Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Саломзода М. - Директори КВД "Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии "Сохтмон ва меъморӣ", муҳандис конструктор; Шарифзода Д. - Директори КВД "Лоиҳакаш", муҳандис конструктор.**

Заминҷунбӣ ин яке аз офатҳои табиие мебошад, ки ба туфайли равандҳои дохилизаминӣ, яъне ҳаракати плитаҳои тектоникӣ, тағйирёбии ҳарорати қаъри замин ва дигар омилҳо ба вуҷуд омада, ба табиат, бино ва иншоот, инчунин мавҷудоти зинда таъсири зиёд мерасонад. Тибқи маълумотҳои ҷойдошта ҳар рӯз дар ҷаҳон зиёда аз 1000 ларзиши сатҳи замин ба қайд гирифта мешавад. Зилзилаҳои сахт боиси дар кӯҳҳо фаромадани ярч ва кандашавии кӯҳпораҳоро ба амал оварда, боиси тағйирёбии сатҳи замин, маҷрои дарёҳо ва дигар ҳодисаҳои ба ин монанд мегардад. Дар баҳрҳо бошад, заминҷунбӣ мавҷҳои азимро карда мешавад. Дар Тоҷикистон айни ҳол шкалаи 12 баллаи MSK-64 истифода бурда мешавад.

Шкалаи шиддатнокии сейсмикӣ аз ду қисм иборат аст – аз қисми инструменталӣ ва қисми тавсифӣ.

Қисми инструменталии шкалаи шиддатнокии сейсмикӣ дар миқдори ҷойивазкунӣ (мм, см, м), суръат (мм/с, см/с, м/с) ва шитоб (мм/с2, см/с2, м/с2) чен карда мешаванд. Аз ҷумла, қисми инструменталии шкалаи шиддатнокии сейсмикӣ, ки дар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ истифода шуда истодааст, чунин мебошад:

| Шиддатнокӣ, Балл | Шитоб, см/с$^2$ | Суръат, см/с | Ҷойивазкунӣ, мм |
|---|---|---|---|
| 1 | 0.75-1.5 | 0.08-0.15 | 0.04-0.08 |
| 2 | 1.5-3 | 0.15-0.3 | 0.08-0.15 |
| 3 | 3-6 | 0.3-0.6 | 0.15-0.3 |
| 4 | 7-14 | 0.7-1.4 | 0.3-0.6 |
| 5 | 15-29 | 1.5-2.9 | 0.7-1.4 |
| 6 | 30-60 | 3.0-6.0 | 1.5-3.0 |
| 7 | 61-120 | 6.1-12.0 | 3.1-6.0 |
| 8 | 121-240 | 12.1-24.0 | 6.1-12.0 |
| 9 | 241-480 | 24.1-48.0 | 12.1-24.0 |

ба вуҷуд оварда, минтақаҳои васеи соҳилиро зери об мегузорад.

Равандҳои таъсироти зилзила мураккаб буда, таснифшаванда мебошанд. Барои баҳогузории қувваи зилзила шкалаи Рихтер, ки дар миқдори шартии беандоза аз 1 то 9.5 магнитуда чен карда мешавад, истифода бурда мешавад. Магнитудаи заминҷунбӣ дар маҷмуъ

Қисми тавсифии шкалаи шиддатнокии сейсмикӣ бошад, тавсифи дараҷаи таъсири зилзиларо ба одамон, ҳайвонот, бинову иншоот ва ғайра бо ададҳо нишон медиҳад. Масалан, барои муайян намудани шиддатнокии заминҷунбӣ дар шкалаҳои шиддатнокии сейсмикии 12-балла, аз он ҷумла дар шкалаи MSK-64, чунин тавсиф оварда шудааст:

| Шиддатнокӣ, балл | Тавсифи таъсири заминҷунбӣ |
|---|---|
| 1 | Одамон ҳис намекунанд, танҳо бо таҷҳизоти сейсмикӣ қайд карда мешаванд |
| 2 | Бо таҷҳизоти сейсмикӣ қайд карда мешаванд, баъзе одамоне, ки дар ҳолати оромӣ мебошанд ё дар ошёнаҳои болоӣ қарор доранд, ҳис менамоянд |
| 3 | Лаппишҳоро қисми каме одамон ҳис менамоянд |
| 4 | Лаппишҳоро аксарияти одамон ҳис менамоянд, садои бо ҳам расидани шишаҳои тирезаҳо шунида мешавад |
| 5 | Ҷунбиши замин дар берун ҳис карда мешавад, қисми зиёди нафарони хобида бедор мешаванд, ашёҳои овеза ба ҷунбиш медароянд |
| 6 | Дар биноҳо тарқишҳо пайдо мешаванд |
| 7 | Дар қабати андова ва деворҳо тарқишҳо паҳн мегарданд, ғалтидани лавозимотҳои вазнин эҳтимолият дорад |
| 8 | Паҳншавии тарқишҳои калон дар деворҳо, ғалтидани нижвонҳо ва дудкашҳои хонаҳо, вайроншавии миёнадеворҳо эҳтимолият дорад |
| 9 | Фуруғалтӣ дар баъзе биноҳо эҳтимолият дорад |

энергияи умумии ларзишҳои чандирии дар маркази заминҷунбӣ дар намуди мавҷҳои сейсмики ба вуҷуд омадаро, тавсиф менамояд. Бояд қайд кард, ки истифодабарии калимаи балл барои шкалаи Рихтер нодуруст мебошад.

Таъсири заминҷунбӣ бевосита дар минтақа, ки дар масофаи муайян аз маркази заминҷунбӣ ҷойгир мебошад, бо шкалаи шиддатнокии сейсмикӣ (12 балла шкалаи MSK-64, 12 балла шкалаи Меркалли, 12 балла шкалаи EMS-98, 7 балла шкалаи Ҷопон ва дигар), чен

Дар асл, шиддатнокии заминҷунбӣ ҳангоми муоинаи минтақаи зарардида бо намуд, шакл ва андозаи тарқишҳо дар бинову иншоот, харобшавии бинову иншоот, тарқишҳо дар сатҳи замин, бо пурсиши сокинон дар бораи эҳсоси онҳо дар сурати набудани харобшавӣ ва ғайра баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% масоҳати онро кӯҳсор ташкил медиҳад, ба яке аз минтақаи фаъоли сейсмикӣ шомил мебошад. Фаъолнокии сейсмикии минтақа асосан аз ҷойгиршавии тарқишҳои гуногуни заминӣ вобастагӣ дорад.




**ХАРИТАИ ҶОЙГИРШАВИИ АСОСИ ТАРҚИШҲОИ ЗАМИНИИ ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲАМСАРҲАДИ ОН**

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои комплексии геологию геофизикӣ, сейсмологӣ ва дигар, аз ҷумла бо истифода аз харитаи ҷойгиршавии асоси тарқишҳои заминии ҳудуди Тоҷикистон харитаи ноҳиябандии умумии сейсмикии ҷумҳурӣ коркард карда шудааст.

Мувофиқи харитаи ноҳиябандии умумии сейсмикии амалкунандаи ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Институти сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Тоҷикистон соли 1975 тартиб дода шуда, дар соли 2004 аз нав такмил дода шудааст, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ҷадвали MSK-64 ба минтақаи шиддатнокиашон 9-балл – 50%, 8-балл – 38% ва 7-балл – 12% рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати асосии меъёрии танзимкунандаи раванди сохтмони зилзилатобовар ин меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон МҚС ҶТ 22-07-2018 «Сохтмони зилзилатобовар" мебошад. Меъёру қоидаҳои сохтмонии мазкур бо дарназардошти оқибатҳои заминларзаҳои охири дар қаламрави минтақаҳои осебпазир рухдода ва таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта дар соҳаи сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар, дар солҳои соҳибистиқлолӣ такмил дода шудааст. Харитаи ноҳиябандии умумии сейсмикии дар боло оварда шуда бо руйхати маҳаллаҳои аҳолинишин бо нишон додани зилзиланокиашон дар поён оварда шуда қисми ҷудонопазири меъёр мебошад ва ҳамчун асос барои муқаррар намудани дараҷаи зилзиланокии ҳисобӣ барои лоиҳакашӣ истифода бурда мешавад.

Чораёни лоиҳакашии ҳамаи биноҳо ва иншооте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегарданд, бо дарназардошти хусусиятҳои геологӣ, топографӣ ва харитаи ноҳиябандии умумии сейсмикии минтақаи сохтмон тарҳрезӣ карда мешаванд. Ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтани модели ҳисобии биноҳо (ҷойгиршавии сохторҳои асосии борбардор (ядро, скелет), андозаҳои бурришҳо, тамғаи масолеҳҳои асосӣ ва навъи таҳкурсӣ) бо назардошти раванди сершумори ҳисобҳои санҷишӣ аз рӯи барномаҳои махсуси сертификатсияшу-




**ХАРИТАИ НОҲИЯБАНДИИ УМУМИИ СЕЙСМИКИИ ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета
№2 (174) 27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023


# РАВАНДИ ЛОИҲАКАШӢ, СОХТМОН ВА ИСТИФОДАБАРӢ

***ЗИЛЗИЛАНОКИИ МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО БАЛЛ АЗ РӮИ ШКАЛАИ MSK-64 БАРОИ ШАРОИТҲОИ ХОКҲОИ МИЁНА***

| № | Маҳали аҳолинишин | Вилоят | Зилзиланокӣ, балл | Микроноҳиябандии зилзилавӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | А. Ҷомӣ | Хатлон | 7 | |
| 2 | Адрасмон | Суғд | 8 | |
| 3 | Айваҷ | Хатлон | 7 | |
| 4 | Айнӣ | Суғд | 8 | |
| 5 | Зарнисор (Олтин-Топкан) | Суғд | 8 | |
| 6 | Анзоб | Суғд | 8 | |
| 7 | Ашт | Суғд | 8 | |
| 8 | Балҷувон | Хатлон | 8 | |
| 9 | Б. Ғафуров | Суғд | 8 | |
| 10 | Носири Хисрав (Бешкент) | Хатлон | 7 | |
| 11 | Боғи Зоғон | Хатлон | 8 | |
| 12 | Бӯстонқалъа | Хатлон | 7 | |
| 13 | Варзоб | НТМ | 9*) | |
| 14 | Ваҳдат | НТМ | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 15 | Вахш | Хатлон | 7 | |
| 16 | Ворух | Суғд | 8 | |
| 17 | Восеъ | Хатлон | 7 | |
| 18 | Ҳазора | НТМ | 8 | |
| 19 | 20-солагии Истиқлолияти ҶТ (Ғаровутӣ) | Хатлон | 7 | |
| 20 | Ҳисор | НТМ | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 21 | Деваштич (Ғончӣ) | Суғд | 8 | |
| 22 | Мастчоҳи кӯҳӣ | Суғд | 8 | |
| 23 | Ғусар | Суғд | 8 | |
| 24 | Гускаф | НТМ | 8 | |
| 25 | Ҳушёрӣ | НТМ | 9*) | |
| 26 | Данғара | Хатлон | 7 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 27 | Обигарм | НТМ | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 28 | Дардар | Суғд | 8 | |
| 29 | Даҳана | Хатлон | 8 | |
| 30 | Даштиҷум | Хатлон | 9*) | |
| 31 | Дӯстӣ (Ҷиликӯл) | Хатлон | 7 | |
| 32 | Лахш (Ҷиргатол) | НТМ | 9*) | |
| 33 | Ҷ. Расулов | Суғд | 8 | |
| 34 | Ҷайҳун (Дӯстӣ, Қумсангир) | Хатлон | 7 | |
| 35 | Душанбе | | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 36 | Ёрӣ | Суғд | 8 | |
| 37 | Зафаробод | Суғд | 8 | |
| 38 | Зарафшон | Суғд | 8 | |
| 39 | Истаравшан | Суғд | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 40 | Исфара | Суғд | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 41 | Гулистон (Қайроққум) | Суғд | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 42 | Конибодом | Суғд | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 43 | Консой | Суғд | 8 | |
| 44 | Нурафшон (Ким) | Суғд | 8 | |
| 45 | Ҷ. Балхӣ ( Румӣ, Колхозобод) | Хатлон | 7 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 46 | Кӯлоб | Хатлон | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 47 | Бохтар | Хатлон | 7 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 48 | Куркат | Суғд | 8 | |
| 49 | Қуруқсой | Суғд | 7 | |
| 50 | Ланглиф | Суғд | 8 | |
| 51 | Меҳнатобод | Суғд | 8 | |
| 52 | Ҳамадонӣ | Хатлон | 7 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 53 | Мӯъминобод | Хатлон | 8 | |
| 54 | Қубодиён (Носири Хисрав) | Хатлон | 7 | |
| 55 | Насруд | НТМ | 8 | |
| 56 | Спитамен (Нов) | Суғд | 8 | |
| 57 | Нефтобод | Суғд | 8 | |
| 58 | Панҷи Поён | Хатлон | 7 | |
| 59 | Навобод (н. Рашт) | НТМ | 9*) | |
| 60 | Навобод (ш. Душанбе) | НТМ | 9 | |
| 61 | Мастчоҳ | Суғд | 8 | |
| 62 | Нуробод | НТМ | 9*) | |
| 63 | Роғун | НТМ | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 64 | Норак | Хатлон | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 65 | Обикиик | Хатлон | 7 | |
| 66 | Исмоили Сомонӣ (Октябр) | Хатлон | 7 | |
| 67 | Ба номи М.Турсунзода (Октябрӣ) | НТМ | 9 | |
| 68 | Орзу | Хатлон | 7 | |
| 69 | Палос | Суғд | 8 | |
| 70 | Панҷхок | НТМ | 8 | |
| 71 | Фархор | Хатлон | 7 | |
| 72 | Пастакон | Хатлон | 8 | |
| 73 | Пастиғав | Суғд | 8 | |
| 74 | Пахтакорон | Суғд | 8 | |
| 75 | Панҷакент | Суғд | 8 | |
| 76 | Панҷ | Хатлон | 7 | |
| 77 | Рарз | Суғд | 8 | |
| 78 | Рашт | НТМ | 9*) | |
| 79 | Ромит | НТМ | 9*) | |
| 80 | Сангвори Боло | НТМ | 9 | |
| 81 | Сангвори Поён | НТМ | 9*) | |
| 82 | Сарбанд (Леваканд) | Хатлон | 7 | |
| 83 | Сомониён | НТМ | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 84 | Истиқлол (Табошар) | Суғд | 8 | |
| 85 | Сангвор (Тавилдара) | НТМ | 9*) | |
| 86 | Тоҷикобод | НТМ | 9*) | |
| 87 | Такоб | НТМ | 9*) | |
| 88 | Темурмалик | Хатлон | 7 | |
| 89 | Турсунзода | НТМ | 9 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 90 | Урметан | Суғд | 8 | |
| 91 | Файзобод | НТМ | 9 | |
| 92 | Ҳаёти Нав | Хатлон | 7 | |
| 93 | Ховалинг | Хатлон | 8 | |
| 94 | Хуҷанд | Суғд | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 95 | Чоркӯҳ | Суғд | 8 | |
| 96 | Чорух-Дайрон | Суғд | 8 | |
| 97 | Шаҳритус | Хатлон | 7 | |
| 98 | Шаҳринав | НТМ | 9 | |
| 99 | Шаҳристон | Суғд | 8 | |
| 100 | Шӯроб | Суғд | 8 | |
| 101 | Шамсиддин Шоҳин (Шӯрообод) | Хатлон | 9 | |
| 102 | Ёвон | Хатлон | 8 | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| | ***Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон*** | | | |
| 103 | Оқбайтал | ВМКБ | 9*) | |
| 104 | Аличур | ВМКБ | 9 | |
| 105 | Андарбақ | ВМКБ | 9*) | |
| 106 | Барсем | ВМКБ | 9 | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 107 | Бартанг | ВМКБ | 9*) | |
| 108 | Барчидев | ВМКБ | 9*) | |
| 109 | Ванҷ | ВМКБ | 8 | |
| 110 | Варанг | ВМКБ | 9 | |
| 111 | Вишхарв | ВМКБ | 8 | |
| 112 | Гуча | ВМКБ | 8 | |
| 113 | Дурдаст (Далнее) | ВМКБ | 9 | |
| 114 | Дех | ВМКБ | 9*) | |
| 115 | Ҷавшангоз | ВМКБ | 9 | |
| 116 | Ҷартигумбез | ВМКБ | 8 | |
| 117 | Ҷартиработ | ВМКБ | 8 | |
| 118 | Ишкошим | ВМКБ | 9*) | |
| 119 | Қалъаи Хум | ВМКБ | 9 | |
| 120 | Қарокӯл | ВМКБ | 9 | |
| 121 | Кудара | ВМКБ | 9*) | |
| 122 | Қулучкӯл | ВМКБ | 8 | |
| 123 | Қизилработ | ВМКБ | 8 | |
| 124 | Лангар | ВМКБ | 9 | |
| 125 | Маҳмазоир | ВМКБ | 8 | |
| 126 | Мурғоб | ВМКБ | 8 | |
| 127 | Нимос | ВМКБ | 9 | |
| 128 | Нулванд | ВМКБ | 9*) | |
| 129 | Рангкӯл | ВМКБ | 8 | |
| 130 | Рушон | ВМКБ | 9*) | |
| 131 | Рошткалъа | ВМКБ | 9 | |
| 132 | Сасиккӯл | ВМКБ | 9 | |
| 133 | Субоши | ВМКБ | 8 | |
| 134 | Тохтамиш | ВМКБ | 8 | |
| 135 | Хоруғ | ВМКБ | 9*) | Нақшаи микроноҳиябандӣ |
| 136 | Чадуд | ВМКБ | 9*) | |
| 137 | Чартим | ВМКБ | 9 | |
| 138 | Чоштеппа | ВМКБ | 8 | |
| 139 | Чечекти | ВМКБ | 8 | |
| 140 | Шазуд | ВМКБ | 9 | |
| 141 | Шаймак | ВМКБ | 8 | |
| 142 | Шитхарв | ВМКБ | 9 | |

***ЭЗОҲ:** - Маҳалҳое, ки зилзиланокиашон 9 балл буда, дар минтақаҳои эҳтимолноки пайдо шудани манбаъҳои заминҷунбии магнитудааш 7.1 ва зиёдтар ҷойгир шудаанд. Чунин заминҷунбиҳо сабаби пайдо шудани шаклтағйириҳои боқимонда дар сатҳи замин, харобшавӣ дар шакли фурӯғалтӣ, ярчҳо, селҳо, инчунин таъсироти зилзилавии шиддатнокиаш бештар аз 9 балл шуда метавонанд.*

да интихоб карда мешавад. Барномаҳои ҳисобӣ имкон медиҳанд, ки иқтидори тобоварии иншоотро барои таъсири статикӣ ва динамикӣ (сейсмикӣ) бо назардошти моделсозии заминҷунбӣ тафтиш ва ташхис карда шаванд.

Айни замон дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони биноҳои баландошёна танҳо аз системаи конструктивии каркасӣ-пайвандӣ бо диафрагмаҳо ва ядроҳои мазбутӣ истифода мегарданд, ки бо болорҳои тирӣ ва тахтасанги яклухти ошёнпӯшҳо, системаи яклухти боҳампайвастаро ташкил медиҳад тарҳрезӣ карда мешаванд. Ба сифати асоси чунин биноҳо мехсутунҳои оҳанубетонӣ, ки вазни биноро бо ёрии таҳкурсии яклухти оҳанубетонӣ ба хокҳои мустаҳками устувор интиқол медиҳад, қабул карда мешавад. Ҳамчунин, мехсутунҳо устувории биноҳои баландошёнаро таъмин менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаи ҳамаи ҳисобҳои конструктивии биноҳои бисёрошёна бо назардошти имконияти таҳлияи одамон, эмин доштани ҳаёти аҳолӣ дар вақти зилзилаҳои фалокатовар гузаронида мешаванд.

***Аз офати табиӣ - заминларза, ки 6-уми феврал ба сари мардуми Туркия ва Сурия омаду бар асари он теъдоди зиёди одамон ҷони худро бохта, садҳо иншоот, аз қабили манзилу марказҳои хизматрасонӣ, нуқтаҳои зиёди дигари иҷтимоиву фарҳангӣ ва варзишӣ ба хок яксон шуданд, то ҳол оқибатҳои он бартараф карда мешаванд. Имрӯз бо гузашти рӯзҳо аз он офати табиӣ ҳамоно сару садо хосатан, дар атрофи сифати биноҳои бунёдшавандаи баландошёнаи истиқоматӣ зиёданд. Коршиносон - мутахассисони соҳаи сохтмон, шаҳрсозиву меъморӣ аз кишварҳои гуногуни олам аз лиҳози то ҳадде паст будани сатҳу сифати иншоот, хусусан биноҳои истиқоматӣ мулоҳизаҳои хешро иброз медоранд. Дар ин радиф мутахассисони бахши сохтмони ҷумҳурии мо: аз ҷумла, меъморон, лоиҳакашон, муҳандисон, конструкторҳо низ андешаву диди худро дар атрофи ин масъала муайян мекунанд.***

***Аммо мусаллам аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳамаи собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистони мо низ сохтмон рушд карда, метавон гуфт имрӯз ба авҷаш мерасад. Ҳатто феълан дар дурдасттарин рустои кӯҳистон ҳам кӯшиш доранд иншооти баланди ҳозиразамон созанд. Албатта, аз як ҷониб аз ин раванд изҳори шодиву қаноатмандӣ мекунед, ки пеш меравем ва бо чунин биноҳои замонавӣ симои деҳот ҳам ба худ як чеҳраи ҷолиб мегирад, аммо аз ҷониби дигар ба андеша меравӣ, ки охир ҳини сохтмони чунин биноҳо на ба он дараҷае, ки мехоҳӣ ҷои иншооти бунёдшаванда пурра омӯхта мешавад, на аз лиҳози сейсмологӣ, на аз лиҳози геологӣ ва дигару дигар. Ана баъд, бо сар задани офатҳои табиӣ, яъне ҳолатҳои форс-мажор чун фоҷеае рух медиҳад, сонӣ дар даву геҷ мешавӣ, ки ин бинои валангор шуда воқеан ҳам қабл аз сохтмон оё пурра аз санҷишҳо гузашта буд?***

# АЗ ФОҶЕАҲО БОЯД ҲИКМАТЕ БАРДОШТ...



**Исроил ТЕШАЕВ,**
**Иҷрокунандаи вазифаи сармеъмори шаҳри Исфара**

Албатта, бо шарофати даврони соҳибистиқлолӣ натанҳо шаҳрҳои бузурги мо соҳиби иншооти баландошёна мешаванд, балки навоҳии кӯҳистон ҳам имрӯз дорои биноҳои истиқоматии баландошёна шудаанд. Дар вилояти Суғд, дар шаҳрҳои саноатии Исфара, Конибодом, Истаравшан, Хуҷанду Истиқлол ва Бӯстону Гулистон ҳам ҳоло биноҳо аз панҷошёна то 10 ошёнаву 17-18 ошёна боло мешаванд.

Истаравшан аз ҷумлаи бостонитарин шаҳрҳои шимоли кишвар махсуб ёфта, дар ростои таърих чун макони ҳунармандӣ ва тиҷорат машҳур шудааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳам бо талошу такопӯйҳои фарзандони баору номусаш дар ҳамаи самтҳо рушд дораду ободу сарсабз ва хуррам мегардад ва албатта, ин ҷо низ ҳоло рӯз то рӯз биноҳои аз лиҳози меъмориву нақшунигори шарқӣ қатор-қатор қомат рост карда, Истаравшанро боз ҳам ба шаҳрҳои замонавию аз ҷиҳати меъморӣ назаррабо табдил медиҳанд. Бино ба иттилои мудири бахши меъмориву шаҳрсозии ин ҷо Фирдавс Азизов ҳоло зиёда аз 30 бинои баландошёна сохта мешаванд, ки баландии чанде аз ин ҳатто ба 18 ошёна мерасад. Ба андешаи мудири меъмории шаҳр ин иншооти сохташаванда қабл аз оғози санҷишҳои сангин гузашта, баъд қомат рост кардаанд ва меафзояд, ки дар заминаи санҷишҳои мутахссисони сейсмологӣ дар ин минтақа биноҳо ба ларзиши то 8 балл мувофиқат карда мешаванд.

- Албатта, оқибати заминларза дар кишварҳои Туркия ва Сурия мо - мутахассисони соҳаи сохтмонро ба андеша водор кардаву ҳоло шабу рӯз дар талошем, ки бори дигар қабл аз бунёди чунин иншооти баланди чӣ иҷтимоиву фарҳангӣ ва истиқоматӣ дар ҷараёни сохтмон, сифати масолеҳи бинокорӣ, сементу оҳану дигар - дигарҳо басо ҷиддиву серталаб бошем, - мегӯяд Фирдавс Азизов.

Мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии Истаравшан мӯътақид бар он аст, ки мутахассисони бахши сохтмонии ҷумҳурии мо самтҳои нозуки бунёди иншоотро бо такя ба таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ, созмонҳои муҳими байналмилалӣ роҳандозӣ мекунанду то ҳоло ҳам фаъолона ҳамкорӣ доранд. Аммо, ин ҳодисоти Туркия ва Сурия моро ҳушдори хубе дод, ки дар ин самт, яъне сохтмон, хусусан лоиҳакашӣ, конструксияҳои оҳану бетонӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дошта бошем.



Бинои баландошёнаи истиқоматӣ дар хиёбони Исмоили Сомонӣ 161, 163-и шаҳри Истаравшан

- Кори сохтмонӣ хушбахтона, дар зери назорати ҷиддии чандин ташкилотҳои бонуфуз Хадамоти назорати сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, - мегӯяд иҷрокунандаи вазифаи сармеъмори шаҳри Исфара Исроил Тешаев, - яъне ин маънои онро дорад, ки ин ё он иншооти сохташаванда қабл аз оғози сохтмон бояд чандин марҳилаи иҷозату санҷишҳоро паси сар кунад. Масалан, баъди омодашавии тарҳи Лоиҳа он дар ташкилоти ҷумҳуриявӣ ба таври ҳирфавӣ аз назари мутахассисон мавриди санҷиш қарор мегирад, он мавзеи сохтмон, ки он ҷо бино қомат рост хоҳад кард, таркиби хоку санги он аз ҷониби ташкилоти мутахассисони соҳаи геологӣ баррасӣ шуда, хулосабарорӣ мешавад, баъдан боз санҷишҳои сейсмологӣ гузаронида шуда, сипас сохтмон оғоз меёбад. Айнан дар ҳамин сохторҳои муҳими сохтмонӣ масолеҳи бинокорӣ низ санҷида мешавад. Дар шаҳри Исфара ҳам ҳоло наздик то 10 биное сохта мешаванд, ки аз панҷ ошёна то 13 ошёна мебошад. Табиист, ки ин раванд солҳои баъдӣ низ вусъат пайдо мекунад. Муҳимтар аз ҳама мо мутахассисони меъмориву шаҳрсозӣ ба хубӣ дарк мекунем, ки бо бунёди иншооти гуногуни дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ чӣ масъулияти бузурге ба дӯши мост.



**Фирдавс АЗИЗОВ,**
**Мудири бахши меъморӣ ва сохтмони шаҳри Истаравшан**

Ногуфта намонад, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2023 пас аз заминларзаҳои рӯзҳои охир дар Туркия ва Сурия Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади санҷиши мустаҳкамии биноҳо ва сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар гурӯҳҳои корӣ таъсис додааст. Зимни ҷаласаи якуми комиссияи кории Кумитаи меъморӣ ва сохтмон оид ба санҷиши мустаҳкамии биноҳо ва сохтмони ба заминларза тобовар марҳилаи аввали фаъолияти гурӯҳҳои корӣ баррасӣ карда шуданд. Зимни ин фармоиш масъулини идораҳои сохтмони вилоят ширкатҳои сохтмонӣ оид ба сатҳу сифати биноҳои бунёдшаванда вохӯриву мулоқотҳо доир намуда истодаанд.

**Ҷовиди АШТӢ**



Биноҳои аз заминларза харобгашта дар Туркия

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№2 (174)
27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023



# ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРӢ ҲАНГОМИ ЗАМИНЛАРЗА ВА НАҶОТ ЁФТАН АЗ ОН

## КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ МЕДИҲАД

***Заминларза падидаест, ки ногаҳонӣ ба вуҷуд меояд ва аксар мавридҳо одамонро ба таҳлука меорад. Аз ин рӯ дар ҳама ҳолатҳо, зимни рух додани офатҳои табиӣ ё ҳодисаҳои нохуш инсонҳо бояд омода бошанд. Дар робита ба ин Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани заминларза чӣ гуна худро бояд наҷот дод.***



***АМАЛ ҲАНГОМИ ЗАМИНЛАРЗА***

Вақте шумо таконеро эҳсос кардед ва ё дидед, ки қандили хонаи шумо ба ҷунбиш меояд, чизу чора аз боло ба поён меафтанд, садои ба ҳам бархӯрдани шишаҳо шунида мешавад, фавран аз хона берун бароед. Шумо хеле вақти кам доред, аз аввали эҳсоси такон то гузаштани замони хатар барои бино ҳамагӣ 15-20 сония аст.

Барои беруни бино шудан шумо ҳатман аз зинаҳо истифода кунед, ба лифт ҳаргиз нанишинед, чун имкон дорад қувваи барқ хомӯш шавад ва шумо дар дохили лифт монед, ки ин ба ҷонатон метавонад хатар дошта бошад. Оромиро ҳифз кунед ва дигаронро низ ором кунед. Бахусус кӯдаконро наҳаросонед. Вақте ба кӯча баромадед, аз назди биноҳо дуртар равед, дар фазои кушод қарор гиред. Вале агар имкони берун рафтан наёфтеду дар хона мондед, дар ҷойи бехатар истед: зери деворҳои дохили бино, дар кунҷи хона. Агар имкон бошад, худро зери миз паноҳ диҳед.

Ҳаргиз аз гӯгирд ва ё шамъ истифода накунед, чун агар газ ихроҷ шуда бошад, ин сабаби таркиш ва сӯхтор мешавад. Худро аз зери ноқилҳои барқ дуртар гиред.

Агар шумо савори мошинед, пас дар ҷойи худ қарор гиред, то замоне, ки такони замин ба охир намерасад, аз мошин берун нашавед.

Ҳамеша омодаи кумак ба одамони дигар, ба атрофиён ва пайвандонатон бошед.

Тавсияҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолест, ки 6 феврал дар музофоти Каҳрамонмараши ҷанубу шарқи Туркия заминларза бо шиддати 7,7 балл рух дод. Такони ҳои зеризаминӣ ва садҳо пасларзаҳо дар 10 музофоти ин давлат, инчунин дар кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла дар Сурия эҳсос карда шуданд.

Ба ҳолати 14 феврал теъдоди одамони бар асари зилзила дар ҷанубу шарқи Туркия ҳалокшуда ба 31,6 ҳазор нафар ва шумораи зарардидагон ба 80 278 нафар расида, 6444 бино хароб шудаанд.

**МАСЛИҲАТИ НАҶОТДИҲАНДА - ШАҲРВАНДИ ТУРКИЯ ҲАНГОМИ ЗАМИНЛАРЗА**

Дар робита ба заминларза маслиҳати як нафар наҷотдиҳанда - шаҳрванди Туркияро, ки имрӯзҳо пайи ҷустуҷӯ ва наҷоти одамон дар биноҳои бар асари заминларзаи шадид тахрибшуда фаъолият дорад ва андешаҳояшро тариқи сомонаи иҷтимоӣ ба саҳми шаҳрвандони дигар давлатҳо мерасонад, ки чӣ гуна бояд дар вақти заминларза худ ва дигаронро наҷот дод, пешниҳод менамоем.

Ӯ мегӯяд, ки агар шумо ҳангоми заминларза дар назди кати хоб бихобед, шумо имкони наҷотёбӣ доред. Муҳим, ки нагурезед. Ҷасади аксари одамон аз харобаҳо дар байни зинапояҳо пайдо мешавад. Вақте ки заминларза рух дод, онҳо кӯшиш кардаанд, ки фирор кунанд. Ин дуруст нест. Беҳтараш зери ягон ҷиҳози сахти хона паноҳ шавед.

Агар шумо аз заминларза ҷон ба саломат бурдед бо худ обу шакар гирифтан хуб аст. Шакар баданро муддати дароз қувват мебахшад. Инчунин дастгоҳи овоздеҳ гиред, масалан телефон ё ҳуштак, зеро бо гузашти вақт шумо беқувват ва нафаскашиатон танг мегардад, аз ин рӯ ин ашё метавонанд ба шумо кӯмак кунанд.

**АМИТ «Ховар»**

# НАҚШИ ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

Дар конфронс гуфта шуд, ки дар баробари дигар муассисаҳои фарҳангӣ осорхонаҳо низ дар тарбияи ватандӯстӣ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Зеро осорхонаҳо ойинаи таърих, маркази ҳифзи мероси ниёгон, баёнгари воқеаҳои тақдирсоз, посдори урфу одат ва суннату анъанаҳои миллӣ, маркази тарбияи худшиносию ватандӯстӣ, зебоипарастию башардӯстӣ, пайвандгари дирӯзу имрӯзу фардо ва аз ҳама муҳимтар, муҳофизи хотираи инсоният ва мактаби бузурги маърифат мебошанд.



*«Нақши Осорхонаи миллӣ дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» - таҳти чунин унвон дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар иртибот ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ доир карда шуд. Дар ин хусус сардори шуъбаи экскурсионӣ ва оммавии Осорхонаи миллии Тоҷикистон Фаридун Кенҷаев иттилоъ дод.*

Иштирокдорони конфронс дар мавзӯъҳои «Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Нақши экскурсия дар тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии шаҳрвандон», «Таҳкими маорифи миллӣ—василаи тарбияи ватандӯстӣ», «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва моҳияти он», «Инъикоси афкори ватандӯстӣ дар эҷодиёти мутафаккирони тоҷик» ва «Нақши сомонаҳои иҷтимоӣ дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон» маъруза намуданд.

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» 24 декабри соли 2022 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расида, дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир, ки равандҳои гуногуни геополитикӣ ба манфиатҳои давлатҳои миллӣ хатар эҷод мекунанд, саривақтӣ мебошад», - иброз гардид дар конфронс.

Имрӯз ватандӯстӣ рукни асосии мафкураи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ин масъаларо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон пайваста таъкид менамоянд.

**АМИТ «Ховар»**

**Бо қарори Конференсияи генералии ЮНЕСКО аз моҳи ноябри соли 1999 бо мақсади арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони модарӣ 21-уми феврал дар саросари ҷаҳон ҳамчун Рӯзи байналмилалии забони модарӣ ҷашн гирифта мешавад. Имсол соли 24-ум аст, ки Рӯзи байналмилалии забони модарӣ ҳамчун рӯзи арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони модарӣ ва мусоидат ба огаҳӣ аз гуногунфарҳангию рангорангӣ ва бисёрзабонии забонҳои рӯи олам ҷашн гирифта мешавад.**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ - СИМО ВА ПАЙКАРИ МИЛЛАТУ ДАВЛАТ

Забони модарӣ нахустунсури нишона ва ҳастии миллату давлат, нахустомили ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ, сарвати маънавӣ, муҳимтарин, арзишмандтарин ва қадимтарин дороии башарӣ мебошад. Забони модарӣ маҳз тавассути эҳсоси баланди дарки миллӣ, худогоҳиву ифтихори ватандорӣ, арҷгузорӣ ба каломи ширину гуворои Модар, мероси бою гаронбаҳо ва арзишманди соҳибзабонони бофазламон ифодагари ҳастии миллату давлат аст.

Забони модарӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлатӣ, омили асосии пойдории соҳибистиқлолии миллӣ, бақою шинохти миллат устувории давлат ва унсури боэътимоди сарчашмаи ваҳдати миллӣ мебошад.

Забони модарӣ ҳамчун симо ва таҷассуми ҳастии миллат яке аз чор унсури миллии фарҳангу маданияти маънавӣ дар баробари адабиёт, илм ва фалсафа буда, омили рушду ташаккул ва такомули фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад. Аз таърихи инсоният маълум аст, ки бар асари истилову истисмор, ғоратгариву сӯхтор ва қатлу куштори бераҳмона забони модарии қавму халқият ва миллатҳои зиёде гум шудаанд ва ё бар асари тағйирёбӣ ва ё махлутии таркиби луғавӣ ва грамматикии забони модариашон аз муҳимтарин мероси фарҳангӣ, сарвати маънавӣ ва миллии худ маҳрум мондаанд. Таърих халқияту миллатҳои зиёдеро ёд дорад, ки бар асари амали ғосибонаи қавму халқиятҳои дигари истисморгар аз забону хати худ маҳрум монда, хату забони давлатҳои ғосибро бо зулму асорат ва ба таври иҷборӣ қабул намуданд ва онро ҳамчун забони модарии худ мавриди истифода қарор дода, мутаассифона ба ҳукми талхи таърих мероси фарҳангии худро ба забони ғайр интишор дода истодаанд.

Сабаби ба ин рӯз иттифоқ афтодани ин санаи таърихӣ, ки имсол 24-умин солгарди он ҳамчун Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар миқёси ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад, ин арҷгузории донишҷӯёни банғолии шаҳри Даккаи Бангладеш ба забони модариашон мебошад, ки барои ҳимояи забони модарии худ бар асари намоиши эътирозӣ аз тири кормандони мақомоти қудратӣ ба ҳалокат расиданд. Ҳадафи донишҷӯён арҷгузорӣ ба забони модарӣ ва эътирофи он ба сифати забони расмии давлатӣ буд. Ҷумҳурии Халқии Бангладеш ҳамчун давлат дар қисмати Осиёи Ҷанубӣ ҷойгир буда, соли 1952 аҳолиаш наздик ба 100 миллион нафарро ташкил медод. Сабаби эътирози донишҷӯён ин ҳангоми санҷишу имтиҳонҳо донишҷӯён мехостанд ба саволҳои омӯзгорон ба забони модариашон посух гӯянд, на ба забони ғайримиллии роиҷбуда.




Пас аз чунин эътирози донишҷӯён халқи Банғола мушарраф гардид, ки забони модариашон ба қатори забони англисӣ ҳамчун забони расмии давлатию коргузорӣ эътироф шавад.

Иқдоми ЮНЕСКО дар масъалаи қабули Рӯзи байналмилалии забони модарӣ ин даъвати давлатҳои рӯйи олам ба эҳтирому арҷгузорӣ ва ҳимояи ҳамаи забонҳо, аз ҷумла забонҳои ақаллиятҳои миллие, ки махсусан дар замони ҷаҳонишавӣ ба онҳо хавфи нобудшавӣ таҳдид мекунад, мебошад. Албатта, ҷаҳонишавӣ ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ ва ба забонҳои камнуфус бе асар намемонад. Рушди ҷаҳони муосир агар аз як ҷиҳат заминаҳои мусоидеро барои ташаккули гурӯҳе аз забонҳои рӯи олам фароҳам оварад, ба гурӯҳи забонҳои қисми дигари ақаллиятҳои миллӣ таъсиргузор аст. Бинобар ин, мутахассисон бар он андешаанд, ки агар айни замон ҷиҳати устуворӣ ва пойдории зиёда 7000 забони дар муоширатбудаи рӯи олам чораҳо андешида нашавад, пас то охири садсолаи равон ба қисме аз забонҳои дар муоширатбуда, махсусан забонҳои ақаллиятҳои миллӣ, хатари нестшавӣ таҳдид мекунад. Хатари нестшавии забонҳо метавонад инсониятро аз муҳимтарин, арзишмандтарин ва қадимтарин дороии башарӣ, ки ҳазорсолаҳо ин ҷониб нақши муҳими муошırату муносибатро иҷро намудааст, маҳрум созад.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ алҳол ба зиёда аз 2,5 ҳазор забонҳои рӯи олам хатари маҳвшавӣ таҳдид дорад. Хатари маҳвшавӣ ҳатто ба забони ақаллиятҳои миллии маскуни давлатҳои абарқудрати сайёра, аз қабили Ҳиндустону ИМА ва Бразилия наздик ба 200 забонӣ, ва ба Хитою Индонезияю Мексика наздик ба 150-забонӣ таҳдид дорад.

Имрӯзҳо аҳолии зиёда аз 8 миллиардаи маскуни зиёдтар аз 200 давлатҳои сайёраи замин дар маҷмӯъ ба 96 забони маъмули рӯйи олам бо ҳам муошират доранд. Забони аз ҳама серма ъмули рӯйи олам ин забони англисӣ мебошад, ки ҳамчун забони байналмилалии мақоми ҷаҳонидошта эътироф гардида, забони муоширату забони расмии давлатӣ ва коргузории 58 давлати рӯйи олам ба шумор меравад.

Забонҳои машҳуру сермаъмули дигар ин забонҳои форонсавӣ дар 29 давлат, забони арабӣ дар 25 давлат, забони испанӣ дар 21 давлат, забони португалӣ дар 8 давлат, забонҳои олмониву русӣ дар 6 давлатӣ ва забони итолиёвӣ дар 4 давлати рӯйи олам мавриди истифода қарор дошта, наздик ба 80 дарсади аҳолии рӯйи олам асосан бо ин забонҳо муошират доранд.

Ҷиҳати пешгирии маҳви забонҳо дар кишварамон барои асолату устуворӣ ва пойдории забони модарӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуда, шароити мусоид фароҳам оварда шудаанд, то ки гаронбаҳотарин сарчашмаи одамӣ беолоишу бегазанд пойдору устувор монад. Омили асосӣ дар ин самт - ин дар баробари донистану риояи забони давлатӣ, боз муоширати аҳли ҷомеа ба забони модарии худ, муҳайё кардани фазои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки ба бисёрзабонӣ ва эҳтиром ба забонҳои хурд мусоидат менамояд, мебошад.

Ташаккули шаҳрванди донандаи чандин забон ва огоҳ аз навгониҳои ҳаёту ҷаҳони муосир талаби замон аст, ки ин масъала борҳо аз ҷониби Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо додаанд. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки «Ҳадаф аз чунин раванд ин гузаштан аз давлате, ки дар он халқиятҳои гуногун аҳлона кору зиндагонӣ дошта, дар истифодаи забони модарии худ озоданд ва ба забони расмии коргузории давлатӣ арҷ мегузоранд, ба фарди донандаи чандин забон мебошад».

Барои ҳимоя ва рушди фарҳангҳои гуногун, аз ҷумла бо ба инобат гирифтани фарҳанги забонӣ қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри муайянро вобаста ба ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба муносибат ба забон муқаррар намудааст.

Дар кишварамон ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ ва ғайридавлатӣ эҳтироми хоса зоҳир мегардад. Ин эҳтироматро сархати дуюми моддаи 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон агар забони русиро ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо муқаррар карда бошад, пас сархати сеюми ҳамин модда кафолат медиҳад, ки «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд».

Ба ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд – ба истисноӣ ҳолатҳое, ки моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд.

Ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро дар истифодаи озоди забони модарӣ дар соҳаи маорифи кишвар бараъло эҳсос мекунем. Имрӯз дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ намояндагони ҳамаи халқу миллатҳои сокини кишвар – аз қабили тоҷикону ӯзбекҳо, русу қирғизҳо, қазоқу туркменҳо ва дигар намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба таълиму таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз 3967 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда агар дар 3282 муассисаи таълимӣ таҳсил ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда бошад, пас дар 306 муассисаи таълимии дигар таҳсил ба забонҳои омехтаи тоҷикӣ-ӯзбекӣ, дар 159 муассисаи таълимӣ ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ, дар 77 муассисаи таълимӣ ба забони ӯзбекӣ, дар 60 муассисаи таълимӣ ба забони русӣ, дар 38 муассисаи таълимӣ таҳсил ба забони тоҷикӣ-қирғизӣ, дар 15 муассисаи таълимӣ ба забони қирғизӣ, дар 5 муассисаи таълимӣ таҳсил ба забони тоҷикӣ-туркменӣ, дар 5 муассисаи таълимӣ таҳсил ба забонҳои русӣ-англисӣ, дар 5 муассисаи таълимии дигар таҳсил ба забони англисӣ ва дар 8 муассисаи таълимӣ таҳсил ба се забон: тоҷикӣ-русӣ-ӯзбекӣ ва дар 6 муассисаи таълимии дигар таҳсил ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Бисёрзабонӣ раванди мақсадноки ошноӣ ба таъриху фарҳанг, урфу одат, расму ойин ва забонҳои дигар миллату халқиятҳо мебошад, ки хушбахтона дар кишварамон ба ин масъала диққати махсус дода мешавад. Аз соли 2004 дар се давра мавриди амал қарор доштани Барномаи давлатии такмил ва таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014; 2015-2020 ва аз соли 2020 то соли 2030 нишонаи таваҷҷуҳи бевосита ва пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба азхудкунии дигар забонҳо мебошад.

Мусаллам аст, ки забон яке аз нишонаҳои асосии ташаккули миллат ба шумор рафта, саҳифаҳои дурахшону гоҳо парешони миллатро бо ҳама нишебу фарозҳои таърих гӯё шуда, ҳуввияти миллатро таҷассум намудааст. Танҳо дар давоми ҳазорсолаи охир новобаста ба шароитҳои бисёр номусоид ва мубориазаҳои шадиди ба сари соҳибзабонони миллатамон омада, онҳо тавонистанд забони модарии худро аз ҳамагуна хавфу хатар ва таҳдидҳо эмин нигаҳ доранд ва осори гаронбаҳою пурарзиши ҷаҳониро офаранд. Ҳар як соҳибзабон бояд забони модарии худро ҳамчун арзиши миллӣ эҳтиром карда, ба он муносибати ғамхорона дошта бошад ва аз таъсири махлутшавию тахрибкунандаи дигар забонҳо онро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт намояд.

Таҷлили Рӯзи байналмилалии забони модарӣ барои ҳар як фарди соҳибзабон бузургтарин ҷашну ифтихори миллии шаҳрвандӣ аст. Вақте ниёгони мо аз гузаштаҳои дур ин забонро ҳамчун падидаи миллӣ ҳифз карда, онро то ба замони мо ба мерос гузоштаанд, мо низ дар навбати худ вазифадор ва уҳдадорем, ки ин ганҷи беназирро ҳифз карда бо покиву шевоӣ ба ояндагон ба мерос гузорем.

**Раҷабалӣ САНГОВ**

# ОБШАВИИ ПИРЯХҲО - МУШКИЛИ ҶАҲОНӢ

## Пешниҳодҳо ва саҳми дурахшони Президенти Тоҷикистон дар масъалаи пешгирии маҳви пиряхҳои сайёра назаррас аст

***Ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва таъкидҳои доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи обу иқлим, аз ҷумла доир ба масоили ҳифзи пиряхҳо ва манбаву сарчашмаҳои оби тоза дар тамоми ҷаҳон тарафдорон ва ҳамфикрони зиёде пайдо намуда, ҳалли ин мушкил ва масъалаи муҳимро дар мадди аввали ҷомеаи башарӣ гузоштаанд.***



— Наметавон дар дунё давлат ё сарзаминеро пайдо кард, ки дар он масъалаи истифодаи самараноки манбаъҳои об, ҳифзу нигаҳдории он мувоҷеҳи мушкилот нагардида бошад. Имрӯз ин мушкилии бар сари Замину инсоният омада моро вомедорад, ки инсонҳову давлатҳои рӯи олам дар якҷоягӣ, бо муросову ҳамраъйии ҳамдигар роҳи ҳаллу пешгирии онро омӯзанду биёбанд.

Чунонки мутахассисон муайян кардаанд, дар ҳолати об гардидани тамоми пиряхҳои олам сатҳи об дар рӯи Замин то ба 64 метр боло мебарояд. Ин натанҳо боиси зери об мондани як қисмати бузурги сайёраи мо ва маҳв шудани зиндагӣ дар бисёре аз шаҳрҳову давлатҳо мегардад, балки дар тамоми гӯшаҳои дигари сайёра инсониятро бо мушкилоти гароне рӯ ба рӯ менамояд.

Бино ба маълумоти муайяншуда, ҳоло беш аз 3 миллиард сокини сайёра аз оби тоза танқисӣ мекашанд ва пешгӯӣ мешавад, ки ин теъдод то соли 2025 ба 4 миллиард наздик мешавад. Дар айни замон дар саросари Замин ҳамарӯза аз 800 то 900 кӯдаки то 5-сола аз норасоии оби тоза мефавтанд.

Миллати мо ифтихор аз он дорад, ки Тоҷикистон ва Сарвари башардӯсти он ҳанӯз аз соли 2009 талоши худро барои ҳифзи иқлим ва об оғоз карда буданд. Соли 2009 дар Копенгаген, дар ҷаласаи тарафҳо оид ба тағйирёбии иқлим ва баъдан дар ҷаласаҳои сатҳи баланд дар Фаронса, Швейтсария, Амрико, баъдан моҳи марти соли 2021 дар нахустин ҷаласаи роҳбарони Эътилофи обу иқлим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз хусуси босуръат об шудани пиряхҳо дар баробари истеъмоли аз ҳад зиёди об, ки вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисод аст ва метавонад оқибатҳои манфиву мудҳиш ба бор орад, ибрози андеша доштанд. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши пиряхҳо ва махзанҳои барф дар сатҳи ҷаҳонӣ ва хусусан дар манотиқи кӯҳсор шуда метавонад.

Дар саросари ҷаҳон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри соли 1999) соли 2003 — Соли оби тоза эълон карда шуд. Ин ташаббус асос гузошт, то дар пойтахти мамлакат- шаҳри Душанбе соли 2003 Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардад. Дар ин замина дар саросари олам якчанд тадбирҳои судманд амалӣ карда шуданд. Соли 2023 аз ташаббуси якуми ҷониби Тоҷикистон 20 сол сипарӣ мегардад, вале масъалаи бо оби тоза таъмин намудани аҳолии сайёра имрӯз ҳам боиси изтироб аст.

Бо ташаббуси дигари Президенти Тоҷикистон 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдор қабул карда, солҳои 2005-2015 — ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард. Дар раванди татбиқи даҳсолаи мазкур ҷониби Тоҷикистон мизбони якчанд ҳамоишҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ гашт.

Мушкилоте, ки дар масъалаи тақсимоти захираҳои об дар байни давлатҳои олам вуҷуд дорад, дар баъзе мавридҳо таҳдид ба сар задани муноқишаҳои байни кишварҳо дорад. Дар миқёси ҷаҳон беш аз 240 дарёи байнидавлатӣ мавҷуданд, ки беш аз 170 мамлакати мухталифи дунё аз онҳо истифода менамоянд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъалаи мазкур 21 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия) дар ҷорабинии муштараки ЮНЕСКО ва механизми «СММ — об» оид ба масоили истифодаи оқилона ва самараноки об суханронӣ намуда, пешниҳод намуданд, ки соли 2013 Соли дипломатияи об эълон карда шавад. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, Маҷмаи Умумии СММ 20 декабри соли 2010 соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон кард, ки он аз ҷониби 190 кишвари олам дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт

Ҷолиб ва мояи сарфарозии мост, ки маҳз дар асоси ин иқдом СММ оид ба рафъи мушкилоти об танҳо давоми 20 соли охир панҷ Қатънома қабул намуд, ки нишони эътирофу эҳтироми баланд ва далели мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ба ин далелҳо метавон илова кард, ки ташаббусҳои Президенти кишвари мо дар мавриди беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, масоили марбут ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо ба рӯзномаи ҷаҳонии рушд ворид гардида, дар таърихи рушди инсоният саҳифаҳои тоза боз намудаанд.

Ташаббуси навбатии Президенти Тоҷикистон дар миқёси сайёра ва сатҳи ҷаҳонӣ эълон шудани соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва 21 марти ҳар сол таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо низ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ сазовори дастгирии ҳамаҷониба гардида, роҳест ба сӯи ояндаи дурахшони сайёра.

Натиҷаҳои самаранок чунин аст, ки дар асоси ин қатънома дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад.

Бидуни шубҳа, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад.

Мояи ифтихор ва сарфарозии ҳамаи мост, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд.

Чунонки мушоҳида мешавад, имрӯзҳо дар ҷомеаи илмиву ҷамъиятии кишвари мо дар ҳавои ташаббусҳои Пешвои миллатамон ва Қатъномаи қабулгардида як ҳавои ҳамраъйӣ ва амалиёти мушаххас дар ҷодаи амалисозии барномаҳои нав дар омӯзиш ва амалҳои мушаххас барои ҳифли пиряхҳо роҳандозӣ гардида истодааст.

Пас аз мутолиаи гузориши Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) Фарҳод Раҳимӣ банда ба чунин хулоса омадам, ки АМИТ ҷиддан ва бо камоли масъулият аз мушкилоти пешомада хабар дорад ва таъсиси Маркази пиряхшиносӣ дар кишвар аз аввалин иқдомҳои саривақтиву дуруст дар ин ҷода мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар асоси иқдомоти Президенти Тоҷикистон танҳо дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, инчунин Муассисаи давлатии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шуд, ки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар самти идораю истифода ва ҳифзи манобеи обӣ, инчунин ҳолати обшавии пиряхҳо гузаронида мешаванд.

Мутахассисони Маркази омӯзиши пиряхҳо дар муддати моҳҳои июн-августи соли 2022 ҷиҳати таҳқиқу омӯзиши пиряхҳои Федченко, Хирсон, РГО ва пиряхҳои ҳавзаи кӯлҳои Қарокӯл ва Искандаркӯл корҳои муҳими пажӯҳишӣ анҷом доданд. Аз ҷумла, аз ҷониби Маркази омӯзиши пиряхҳо дар доираи Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон экспедитсияҳои муштарак ташкил намуданд, ки дар он мутахассисони пажӯҳишгоҳҳои Швейтсария низ ширкат варзиданд.

Ҷолиб аст, ки барои ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд асноди меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, дар ҷараёни татбиқ қарор доранд ва мо онҳоро бори дигар хотиррасон мекунем:

***Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (соли 2020);***

***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов (соли 2019)»;***

***Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030;***

***Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030;***

***«Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025»;***

***Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030;***

***Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020.***

Дар Тоҷикистон танҳо соли 2020 дар доираи беш аз 28 лоиҳаи сармоягузорӣ корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони иншооти хоҷагии об ба маблағи қариб 351 млн доллари ИМА амалӣ гардидаанд.

Мо умедворем, ки иқдомҳои пай дар пайи Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии хирадмандонаи он кас дар ҳалли ин масъалаи глобалӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташавишу изтироб овардааст, нақши бориз мегузорад.

Бояд гуфт, ки дар партави иқдомҳои башардӯстонаи Сарвари давлатамон дар мавриди ҳифзи пиряхҳо ва манбаъҳои оби тоза, хушбахтона, имсол дар Тоҷикистон соли неки пурбарф омад. Умед аст, ки то ҷойе коҳиши пиряхҳову обанборҳои мо бартараф мешавад. Табиат-модар ҳамеша ғамхору хайрхоҳ аст ва шояд бозгашти иқлим ба вуҷуд ояду боз табиат ҷойи худро бигирад. Дуо мекунем, ки чунин бошад!

**АМИТ «Ховар»**

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета




# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ АСР ВА ДОҒИ РӮЗ

Дар кулли курраи замин инсонҳо ҳаққи зиндагии тинҷу оромона, хушбахтонаву хушҳолонаро доранд. Ҳеҷ ягон кинаву адоват, таҳдиду хатарҳои бадтинатон набояд онҳоро озурдаву сарсону саргардон намояд. Аммо чӣ кунем, ки рӯзгор на ҳамеша дар ихтиёри одамони хайрхоҳу дилсофу бериёст. Агар ба атроф нек назар намоем, ҳолатҳоеро мушоҳида мекунем, ки қувваҳои бадхоҳу зӯрманд авзои хуби ҷомеаро халалдор менамоянд.

Аз ҳодисаву рӯйдодҳои чанд соли гузашта маълум мегардад, ки бар асари бӯҳронҳои сиёсӣ, бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо ҷиҳати аз нав тақсим кардани ҷаҳон, инчунин, шиддат гирифтани низоъҳои диниву мазҳабӣ дар чандин кишварҳои исломӣ, амалҳои даҳшатбори террористӣ дар як қатор минтақаву кишварҳои сайёра вазъи ҷаҳони муосир боз ҳам мураккабу ҳассос гардидааст. Ин аст, ки дар оламни кунунӣ хатари терроризм ва гурӯҳҳои ифротгаро яке аз масъалаҳои мубрами сиёсӣ буда, омилҳо, хусусиятҳо, харобаҳои он аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии он тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза мекӯшанд. Ба ин маънӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала талаби замон аст. Агар одамон ба масъалаҳои терроризм ва мубориза зидди он бевосита пайваст набошанд ҳам, тавассути амалҳои дигар бо масъалаҳои мухталифи терроризм ва шаклҳои дигари экстремизми сиёсӣ алоқаманд гашта, мавқеи хешро муайян менамоянд.

Маълум, ки дар натиҷаи вусъат пайдо кардани экстремизм, терроризм ва ифротгароии динӣ даҳҳо ҳазор одамон ба ҳалокат расида, оромиву осудагӣ дар аксари мамлакатҳо халалдор гардидааст. Аз ин рӯ, дар тамоми ҷаҳон марказҳо ва паҷӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ба омӯзиши ин падидаи зишту нохуби иҷтимоӣ машғуланд. Дар ин радиф ҷараёни экстремизми сиёсӣ ва терроризми сиёсӣ пешсаф аст. Экстремизми сиёсӣ, аслан, аз идеяи фаъолияти канорае таркиб ёфтааст, ки одатан тавассути зӯроварӣ барои воқеӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешаванд. Илова бар ин, экстремизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин хотир, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи он пеш меояд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқ ва баррасии экстремизм зинаи аввали инкишофи гурӯҳҳои канориро ташкил менамояд.

Бояд иқрор гардид, ки экстремизм дар навъҳо ва шаклҳои гуногун - аз рӯйи мазмуни динӣ ва дунявӣ, аз рӯйи зуҳурот ҳудудӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ зоҳир мегардад. Нигоҳи ифротгароӣ хеле решаи чуқур дошта, он ҳеҷ гоҳ ҳудуд ва дину миллат надорад ва ҳудуди ягон мамлакатро низ эътироф намекунад. Терроризм низ яке аз шаклҳои мураккабтарини он ба ҳисоб меравад. Дар ин замон муҳим нест, ки аввалин шуда кадом ҷониб ва ё кӣ даст ба истифодаи зӯрии канораю ғайриқонунӣ мезанад. Аҳамияти асосиро сатҳи муқовимати қувваҳои сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо ташкил медиҳад. Чунонки таҷрибаи мамолики гуногуни олам нишон медиҳад, дар ҳолати мазкур неруҳои террористӣ фақат кӯшиши нобуд кардани рақиби худро менамоянд.

Мо оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиеро, ки ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ рух дода, сабабгори талафоти даҳҳо ҳазор мардуми бегуноҳ гардида, таъсираш то ҳол аз хонаводаҳои мардуми тоҷик аз байн нарафтааст, фаромӯш накардаем.Танҳо сулҳ ба ҳайси бузургтарин сармояи маънавии инсоният шароит ва имконият фароҳам меорад, ки аҳли башар бо ҳам дӯстона зиндагӣ кунанд ва барои худ муҳити орому осоишта бунёд намоянд. Маҳз ба шарофати сулҳу дӯстӣ ва ваҳдати комил мо тавонистем дар як муддати кӯтоҳ қариб як миллион нафар гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборию ба Ватан баргардонем, барои мардум шароити кору зиндагиро муҳайё созем ва раванди созандагиро оғоз намоем.

Бояд вазъи имрӯза ва хатарҳои афзоянда шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавонони моро хушёр созанд, ки ба ҳар гуна ҳаракату гурӯҳҳои тундрав шомил нагарданд ва зиракии сиёсиро аз даст надода, барои ҳифзи давлатдории миллиамон кӯшиш намоянд ва Ватани азизамон - Тоҷикистонро чун меҳри модар муқаддасу гиромӣ доранд. Боиси таассуф аст, ки гурӯҳҳои ҷангҷӯи террористиву экстремистӣ ҳамроҳ шудани иддае аз ҷавонон ва фирефтаи таъсири исломи радикалӣ ва тундрав гардидани қисми дигари онҳо боиси ташвиш аст. Бино ба маълумотҳои оморӣ, садҳо нафар ҷавонони гумроҳу суст ирода ва аз донишҳои муосир ноогоҳ ба сафи ин ҷангҷӯён ҳамроҳ гардида, як қисми онҳо дар ҷангҳо кушта ва асир гирифта шуда, қурбони сиёсати гурӯҳҳои тундрав шудаанд. Албатта, чунин тоифа одамон бо кирдорҳои нангини худ ба шаъну шарафи миллати куҳанбунёди тоҷик ва давлати тоҷикон иснод меоранд.

Ҳама огаҳанд, ки дар заминаи ихтилофоти диниву мазҳабӣ дар Сурияву Ироқу Яман садҳо нафар мардуми осоишта ҳалок шуда, амалҳои террористӣ дар Туркия ва як қатор давлатҳои Аврупо пайваста идома ёфтанд. Террористон худро мусулмон пиндошта, ба қалби мусулмонони бегуноҳ тир кушоданд. Ҳол он ки мусулмон тамоман чизи дигар аст. Чунин ҳолати ноором метавонад дар як лаҳза Афғонистон ва кишварҳои ҳамсояашро фаро гирад. Чунин ҳодисаҳоро дар ислом фитна мегӯянд ва дар ин маврид Паёмбар (с) фармудаанд: «Фитна аз қатл шадидтар аст».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба масъалаи терроризм ва экстремизм таъкид кардаанд: « ... террорист Ватан миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусалмонони сайёра зарар мебинанд».

Вобаста ба ин андешаи Роҳбари давлат бояд, ки ҷавонони даврони истиқлолият ба қадри сулҳу суботи пойдор бирасанд, зиёдаравӣ накарда, шукронаи Ватанро ба ҷо оранд, ба қадри ҳар ваҷаб хоки муқаддаси сарзамин расида, танҳо дар доираи қонун зиндагиву фаъолият кунанд сатҳу саводи дониш ва ҷаҳонбинии хешро баланд бардошта, Тоҷикистони маҳбубро бо тамоми муқаддасоташ ҳифзу нигаҳдорӣ намоянд.

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди мардуми шарафманди мо маҳсуб ёфта, ҳифзу ҳимояи он вазифаи шаҳрвандии ҳар як сокини бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Мутаассифона, баъзе аз гурӯҳҳои террористӣ, ки аъзоёни он бевосита дар Ҷумҳурии Тоҷикистони биҳиштосо ба дунё омадаву умре нону намаки ин мамлакатро хӯрдаанд, акнун имрӯзҳо бо мададу кӯмаки моддии хоҷагони зархаридашон ба сӯйи боғи ободи ин сарзамин сангандозӣ мекунанд. Аммо таърих гувоҳ аст, ки ин созандагиву ободкориҳо, ки дар кишвари азизамон идома доранд, ин гуна нотавонбинон дидаву дониста сафедро сиёҳ мегӯянд. Чунин амали зишти онҳо танҳо аз гумроҳиву нотавонбиниашон шаҳодат медиҳад. Хушбахтона, акнун халқи башардӯсти мо, сафедро аз сиёҳ дуруст фарқ мекунанд ва онҳо медонанд, ки чунин дасисаҳо имрӯз ё пагоҳ завол меёбанду душманони миллат шармандаву шармсор мегарданд. Кӯшиши беҳудаи онҳо мисли сурма кашидан ба чашми аъмост, ки фоидае надорад. Ба қавли Саъдии Шерозӣ:

**Кас натавонад гирифт домани давлат ба зӯр,**
**Кӯшиши беҳуда аст сурма ба чашмони кӯр.**

**Ҳотами ҲОМИД**

## ОЧЕНЬ ИНТЕРЕСНО!

Население Земли составляет около 7,8 миллиардов человек. Для большинства людей это большая цифра, вот и все.

Однако, если вы посчитаете 7,8 миллиарда человек в мире за 100% человек, эти проценты станут более понятными.

ИЗ 100% человек:
11% находятся в Европе
5% находятся в Северной Америке
9% - в Южной Америке
15% - в Африке
60% находятся в Азии
49% живут в деревнях
51% - в городах
12% говорят по-китайски
5% по-испански
5% по-английски
3% говорят на арабском
3% на хинди
3% на бенгальском
3% по-португальски
2% на русском
2% на японском
62% на своем языке.

77% имеют жильё
23% негде жить.
21% людей переедают
63% может съесть сколько хочет
15% человек недоедают
Суточная стоимость жизни 48% человек составляет менее 2 долларов США.
87% человек имеют чистую питьевую воду
13% либо не имеют чистой питьевой воды, либо имеют доступ к загрязненному источнику воды.

У 75% есть мобильные телефоны
У 25% нет.
30% имеют доступ в Интернет
70% не имеют условий для выхода в интернет.
7% получили высшее образование
93% человека не учились в колледже или ВУЗе.
83% умеют читать
17% человек неграмотны.

33% - христиане
22% - мусульмане
14% - индусы
7% - буддисты
12% - другие религии
12% не имеют религиозных убеждений.

26% живут менее 14 лет
66% умерли в возрасте от 15 до 64 лет.
8% человек старше 65 лет.

Если у вас есть жильё, вы едите полноценную пищу и пьете чистую воду, есть мобильный телефон, можете путешествовать по Интернету и закончили колледж или ВУЗ, Вы находитесь в крошечной привилегированной группе.
(в категории менее 7%)

ИЗ 100% ЧЕЛОВЕК В МИРЕ ТОЛЬКО 8% МОГУТ ДОЖИТЬ ДО 65 ЛЕТ.

Если вам больше 65 лет, будьте довольны и благодарны. Берегите жизнь, ловите момент. Вы не покинули этот мир до достижения возраста 65 лет, как 92% человек, которые ушли на собственном здоровье. Дорожите каждым оставшимся моментом!!!

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

az «27» январи соли 2023, №56/ф, ш. Душанбе

## Дар бораи иловапулиҳо аз рӯи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ

Мутобиқи моддаи 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №324 тасдиқ карда шудааст ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ карда шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

*1.* Иловапулиҳо аз рӯи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

*2.* Фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2021, №195/ф «Дар бораи иловапулиҳо аз рӯи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ», аз эътибор соқит дониста шавад.

*3.* Фармоиши мазкур дар «Рӯзномаи бинокорон» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) интишор карда шавад.

*4.* Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

*Раиси Кумита* *Низом Мирзозода*

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи
меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» январи соли 2023, №56/ф

### Иловапулиҳо аз рӯи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ

| № | Номгӯй | Аз рӯи коэффитси-енти ноҳиявӣ (сомонӣ/соат) | Аз рӯи коэффитсиент барои ноҳияҳои баландкӯҳ (сомонӣ/соат) |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | Ҳангоми кор дар баландии аз 2000 то 2300 м | - | 0,124 |
| 2 | Ҳангоми кор дар баландии аз 2300 то 2500 м | - | 0,148 |
| 3 | Ҳангоми кор дар баландии аз 2500 то 3000 м | - | 0,165 |
| 4 | Ҳангоми кор дар баландии зиёда аз 3000 м | - | 0,247 |
| 5 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 0,165 | Вобаста аз баландии минтақа ба инобат гирифта мешавад |
| 6 | Шаҳри Роғун | 0,124 | - |
| 7 | Шаҳри Норак | 0,124 | - |
| 8 | Дар ҳудуди деҳот, шаҳрак, ва деҳаҳое, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд, ҳисоб кардани коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар ноҳияҳои баландкӯҳ бе маҳдудият аз рӯи музди меҳнати моҳонаи кормандон амалӣ карда шавад | - | - |

**ЭЗОҲ:**

Иловапулиҳо аз рӯи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 6 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ» дар асоси «Дастурамал оид ба ҳисоб намудани коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ», ки бо фармоишҳои муштараки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2019, №01 ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2019, №02 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст.

## Таваҷҷуҳ! Таваҷҷуҳ!

**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”” дар соли 2023 таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, барномаҳо ва тавсияҳои методи зеринро ба нақша гирифтааст.**

**Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки фикру андеша ва таклифу пешниҳодҳои хешро нисбати мавзӯъҳои мазкур ба суроғаи КВД “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”” ирсол намоед.**

**Барои тамос: E-mail: niisa.tj@mail.ru, тел.: (992 37) 227-77-60, тел.моб.: 933038545.**

| № | Номгӯи корҳо |
|---|---|
| 1 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲРС ҶТ «Тартиби истифодаи принсипҳои “Иқтисоди сабз” дар соҳаи сохтмон» |
| 2 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲРС ҶТ «Тартиби таҳия ва амалишавии тарҳҳои ҳудудии рушди шабакаҳо ва таъминоти муҳандисию техникӣ» |
| 3 | Таҳияи барномаи «Осеби сифрӣ дар майдончаҳои сохтмон» |
| 4 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲРС ҶТ “Дастурамали вазифавии коргарони касбӣ дар соҳаи сохтмон. Қисми 1” |
| 5 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲРС ҶТ «Тавсияҳои методии танзимкунандаи ташкили муҳити дастрас барои маъюбон» |
| 6 | Таҳияи Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон МҚС ҶТ «Пулҳо ва қубурҳо» |
| 7 | Таҳияи Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон МҚС ҶТ «Фаршҳо» |
| 8 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикстон ҲРС ҶТ “Конструксияҳои шаффофи иҳотакунандаи намо дар бинову иншоот” |
| 9 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикстон ҲРС ҶТ «Тавсияҳо оид ба таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии инфрасохторҳои пиёдагард барои дастрасии бемонеаи маъюбон» |
| 10 | Таҳияи «Маҷмӯаи иттилоотии санадҳои меъёрии соҳаи сохтмон барои соли 2023, №1, №2 «Иттилооти шаҳрсозӣ» |
| 11 | Таҳияи барномаи такмили заминаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии техникии соҳаи сохтмон |
| 12 | Таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи Ҷумҳурии Тоҷикстон ҲРС ҶТ “Тавсияҳои методӣ оид ба лоиҳакашии пойгоҳҳои барқии офтобӣ” |
| 13 | Гузаронидани корҳо оид ба баҳодиҳии ҳолати воқеии бинову иншооти муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе вобаста ба осебпазирии онҳо ба хатарҳо (Марҳилаи 1). |

# КРОССВОРД

... Энгелс
Пойтахти кишвари «роҳзанҳои баҳрии а. 21»
Охирин
Силвестр ..., актёр
Мутахассиси сохти бадани инсон
Ҳарфи 15-уми арабӣ
Хиранг
СМИ-и русӣ ба тоҷикӣ
Лутфу эҳсон
Ёридиҳанда
Аз гуноҳи касе гузаштан
Хӯрокдони гов
Тангдилӣ, мумсикӣ
Кӯтоҳшудаи номи Шварценеггер
Дарё дар ш. Хуҷанд
«Ҳоло ...», филми тасвирӣ
Ҳиссаи нутқ, ном
Ширкати қандии Эрон
Сиддиқ, ҳаҷвнигор
Воқиф
Мӯйсафед тиллоияшро қапид
Нотоб, касал
Теъдоди солҳо, муддати умр
Нуқрагин
Музофот дар Фаронса
Монанд, мисл
Яке аз сенавъи дӯст
Яке аз сарватмандҳои олам, асосгузори «Майкрософт»
Панҷаи дасти барои задан тайёр
Духтари калони оила
Амонӣ, осоиш
Асбоби тории мусиқӣ
Ҳоҷат, мӯҳтоҷӣ
Соқии базмҳо дар Русия
... Шатунов, сарояндаи рус
"... и бадтар аз гуноҳ"
Шаклу шамоил
Шеъри машҳури М.Раҳимӣ
Орзу, таманно
Авло
Асъори Хитой
Бути Руми қадим
Зарафшон, Ҳисор
Зироати лӯбиёмонанд
Пайдоиши оби муваққатӣ дар регзорҳо
Растанӣ, манбаи равған
Пойтахти Ангола
Ҳашароти меҳнатӣ
Муқобили «бандагӣ»
Яке аз ҳарфҳои «ҳ»-и арабӣ
Оҳиста, паст, дар мусиқӣ
Зулфия ... шоир
Муқобили бисёр
Андрей ... рассоми иконанавис
... Холов, фалаксаро
Яке аз пайғамбарон
Шохоби Ока
Касалии гузарандаи бачагон
Ченаки англисии масоҳати замин
Асбоб, дастгоҳ











Узрхоҳӣ
Зидмаъноии оштӣ
Олати коркарди замин
Яке аз номҳои Худо
Сиёҳпӯст
Ҷоизаи синамогарони рус
Мӯсафед
Хуб, нек
Табиати шоиридошта

*Индекси обунаи рӯзнома:* 69022
*Суратҳисоби бонкии рӯзнома:* **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

*Муассис:*
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Учредитель:*
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
*- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ*

*Сардабир*
Дилбар ТАБАРОВА

*Ҳайати таҳририя*
МИРЗОЗОДА Н.Ю.
УМАРЗОДА У.Х.
КАРИМЗОДА А.Р.
САФАРЗОДА А.А.
САФАРЗОДА Х.А.

*Саҳифабанд*
Дониёр САТТОРОВ

*Нишонии идораи рӯзнома:*
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-39, 227-22-07**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1150** нусха

*Арзиши солонаи обуна:*
96 сомонӣ

*Хабарнигорон:* Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)

*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Дар шумораҳои рӯзнома хабар ва аксу гузоришҳо аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар», шабакаи Интернет, муаллифон ва бойгонии рӯзнома истифода мешаванд.*

CMYK